# Дастурамал оид ба бақайдгирӣ ва баҳисобгирии зуроварӣ нисбати занон ва кӯдакон

АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, Ш.ДУШАНБЕ, КУЧАИ БОХТАР, 17

**Мундариҷа**

*Ихтисороти қабулшуда* ........ 2

*Муқаддима* ........ 5

*Фасли 1. Асос барои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба ҷамъоварии маълумоти оморӣ оид ба ҳама намудҳои ҳолатҳои зӯроварӣ нисбат ба занон ва кӯдакон (ҲЗНЗК) -* ........ 7

1.1. Луғати мафҳумҳои МЯИ БҲЗНЗК ........ 10

2.1. Суди олӣ ........ 13

2.1.1. Тавсифи раванди ҷории бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҲЗНЗК ........ 13

2.1.2. Нишондиҳандаҳои истифодашаванда ........ 14

2.2. Прокуратураи Генералӣ ........ 20

2.2.1. Тавсифи раванди ҷории бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҲЗНЗК ........ 20

2.2.2. Нишондиҳандаҳои истифодашаванда ........ 22

2.3. Вазорати корҳои дохилӣ ........ 26

2.3.1. Тавсифи раванди ҷории бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҲЗНЗК ........ 26

2.3.2. Нишондиҳандаҳои истифодашаванда ........ 27

2.4. Кумитаи кор бо занон ва оила ........ 31

2.4.1. Тавсифи раванди ҷории бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҲЗНЗК ........ 31

2.4.2. Нишондиҳандаҳои истифодашаванда ........ 32

2.5. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ........ 34

2.5 а. Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва қурбониёни зӯроварӣ дар оила ........ 34

2.5.1. Тавсифи раванди ҷории бақайдгирӣ ва баҳисобгирии чабрдидагони зӯроварӣ дар оила .. 34

2.5.1. Тавсифи раванди ҷории бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҲЗНЗК ........ 38

2.5.2. Нишондиҳандаҳои истифодашаванда ........ 40

2.6. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ........ 43

2.6.1. Тавсифи раванди ҷории бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҲЗНЗК ........ 43

2.6.2. Нишондиҳандаҳои истифодашаванда ........ 44

*Фасли 3. Низоми нишондиҳандаҳо оид ба ҳолатҳои ЗНЗК барои МЯИ БҲЗНЗК* .... *49*

*Фасли 4. Тавсифи МЯИ БҲЗНЗК* ........ *53*

*Фасли 5. Замимаҳо* ........ *63*

**Ихтисороти қабулшуда**

| | |
|---|---|
| СО ҶТ | Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МЯИ БҲЗНЗК | Маҳзани ягонаи бақайдгирии ҳолатҳои зӯроварӣ нисбати занон ва кӯдакон |
| КҲМ | Кодекси хукуквайронкунии маъмури |
| ККЗО | Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КБҲШЗ | Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз нисбати занон |
| ВКД ҶТ | Вазорати корхои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВТҲИА ҶТ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумхурии Тоҷикистон |
| ЗНЗК | Зӯроварӣ нисбати занон ва кӯдакон |
| ТҶ | Ташкилоти ҷамъиятӣ |
| СММ | Созмони Миллали Муттаҳид |
| ШКД | Шуъбаи корхои дохилй |
| ШВКД | Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ |
| ҚҲ | Қарори Ҳукумат |
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ЗҶГ | Зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ |
| РКД | Раёсати корҳои дохилӣ |
| КҶ ҶТ | Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| РВКД | Раёсати Вазорати корхои дохилӣ |
| РМТҶ | Раёсати муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ |
| ВҲИ | Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон |
| ГМ | Гурӯҳи мақсаднок |
| ҲРУ | Ҳадафҳои рушди устувор |

Ҳайати Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба таҳияи механизми ягонаи ҷамъоварии маълумот оид ба зӯроварӣ ва ташкили маҳзани ягонаи иттилоотии баҳисобгирии ҳолатҳои зӯроварӣ нисбати занон ва кудакон:

– Абдували Набизода, сардори раёсати омори демографӣ, шуғли аҳолӣ ва иҷтимоии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Илҳом Азиззода, муовини сардори раёсати омори демографӣ, шуғли аҳолӣ ва иҷтимоии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
– Ҷавоҳир Акобирова, сардори шуъбаи рушди гендерӣ ва муносибатҳои байналмилалии Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Аҳлиддин Меликзода, сардори Раёстаи омор ва ҷамъбасти амалияи судии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири адлия дараҷаи 1
– Дилшод Холмуродзода, сардори шуъбаи роҳбарии нозирони минтақавии милитсияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон
– Нигматов Акрам Исмоилович, нозири калони ШР НММ РХТҶ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия
– Соима Муҳаббатова, сардори шуъбаи таҳлили сиёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва кафолатҳои давлатии иҷтимоии раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
– Ҳафизамо Саидова, Директори Муассисаи давлатии Маркази ҷумҳуриявии ҳифзи солимии репродуктивии модару кӯдаки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
– Зухро Зеварова, Прокурори Раёсати назорати тафтишоти пешакӣ дар мақомоти Прокуратураи генералӣ, мушовири адлияи дараҷаи 2;
– Азимҷон Машрабзода, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон
– Гулнора Бекназарова, коршиноси гендерӣ;
– Нигина Раҷабова, коршиноси гендерӣ;
– Мурод Бобоев, барномасоз

АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, Душанбе, Бохтар-17 Тел: 223-02-45; Факс:221-43-75;
E-mail: stat@tojikiston.com; http:// www.stat.tj

# ФАРМОИШ

аз "20" декабри соли 2023 № 56 ш. Душанбе

**Дар бораи тасдиқи Дастурамал оид ба бақайдгирӣ ва баҳисобгирии зуроварӣ нисбати занон ва кӯдакон**

Мутобиқи банди 13 Низомномаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 апрели соли 2010 тасдиқ шудааст, ҷиҳати иҷрои фармони Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 2022 № 32/4-5347 ва банди 8 тавсияҳои муҳокимаи парлумонӣ аз 23 декабри соли 2021 «Дар бораи рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023», **фармоиш медиҳам:**

1. Дастурамал оид ба бақайдгирӣ ва баҳисобгирии зуроварӣ нисбати занон ва кӯдакон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Нашри зарурии дастурамали мазкур дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд таъмин карда шавад.

3. Раёсати омори демографӣ, шуғли аҳолӣ ва иҷтимоии Агентӣ, дастрас намудани маҷмуаро ба истифодабарандагон таъмин намоянд.

3.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини якуми Директори Агентӣ вогузор карда шавад.

Директор Нурмаҳмадзода Ҷ.

**Муқаррароти умумӣ**

1. Маълумоти пурраи оморӣ, аз ҷумла ҳамаи нишондиҳандаҳои зарурӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ яке аз механизмҳои муҳими пешгирии зӯроварӣ нисбати занон ва кӯдакон (минбаъд – ЗНЗК) мебошад. Бояд гуфт, ки Тоҷикистон ҳануз соли 1993 Конвенсияи СММ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занонро (CEDAW) ба тасвиб расонд ва ба принсипҳои Конвенсия содиқ будани худро нишон медиҳад.
2. Яке аз ҷузъҳои асосии аз байн бурдани ҳама шаклҳои табъиз ин аз байн бурдани ҳолатҳои зӯроварӣ нисбат ба занон ва кӯдакон мебошад. Ин мафҳум бори аввал дар Эъломия оид ба рафъи таъбиз нисбати занон (1993) ва Тавсияи умумии № 12 (CEDAW) қайд гарджидааст, ки ба давлатҳои узв ҷиҳати дар гузоришҳои даврии худ маълумот дар бораи чораҳои андешидашуда оид ба мубориза бар зидди зӯроварӣ нисбати занон тавсия дода шудааст. Маълумоти оморӣ оид ба ЗНЗК ҳамчун ҳадафи стратегӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) дар доираи CEDAW, ки танҳо ба мубориза бар зидди ҳолатҳои ЗНЗ нигаронида шудааст, баррасӣ карда мешавад.
3. Истифодаи нишондиҳандаҳои ягона дар ҷамъоварӣ ва паҳн кардани маълумот дар бораи паҳншавӣ ва ҳолатҳои гуногуни зӯроварӣ нисбат ба занон нуқтаи ибтидоӣ барои таҳияи низоми муассир дар сатҳи қабули сиёсат оид ба нест кардани ҳама ҳолатҳои ЗНЗК мебошад. Маълумоти дақиқ ва мукаммал бо мақсади баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа дар бораи зӯроварӣ нисбати занон ва кӯдакон ва қабули қарорҳои мушаххас аз ҷониби мақомоти давлатӣ барои андешидани чораҳои амалӣ зидди чунин зӯроварӣ хизмат мекунанд[1].
4. Дар Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 таъкид карда мешавад, ки барои расидан ба баробарии воқеии занону мардон, рафъи сабабҳои табъизи гендерӣ ва тағйироти воқеии муносибатҳои гендерӣ, тағйирот дар омор барои ноил шудан ба ҳадаф зарур аст.
5. Дар қатори мақомоти давлатие, ки ба таҳияи маълумоти маъмурӣ (оморӣ) машғуланд ва ҷабрдидагони ҳолатҳо ЗНЗК ба онҳо муроҷиат мекунанд, як қатор мақомоти давлатӣ дар баҳисобгирии омори расмӣ нақши муҳим доранд, аз ҷумла: Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббии назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВТҲИА ҶТ), Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВКД ҶТ), Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ПГ ҶТ), Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (СО ҶТ), Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ККЗО ҶТ), инчунин Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон (ВҲИ).

[1] Дастур оид ба таҳияи омор оид ба зӯроварӣ нисбати занон: тадқиқоти оморӣ // Департаменти масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид. - Ню Йорк, 2015.

6. Ҳарчанд, ки маълумоти маъмурӣ ҳолати пурраи паҳншавии зӯровариро инъикос карда наметавонанд, онҳо барои арзёбии он, ки чӣ гуна мақомоти давлатӣ ба ниёзҳои занони ба зӯроварӣ дучоршуда ва мониторинги тамоюлҳо ва тағйиротҳо эътино мекунанд, муҳим аст[2].
7. Дар айни замон, ташкилотҳои ғайридавлатӣ[3] низ бо сабти ҳолатҳои ЗНЗК машғул мебошанд ва маълумотҳои онҳо асосан барои истифодаи дохилӣ истифода мешаванд. Ҳар яке аз мақомоти болозикр дорои маҷмӯи нишондиҳандаҳое мебошанд, ки барои сабти ҳолатҳои зӯроварӣ истифода мешаванд ва дар асоси онҳо ҳисоботи мақомот таҳия карда мешавад. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии мақомоти давлатии дорои мақоми дахлдор буда, ҷиҳати таҳия ва пешниҳоди омори миллӣ оид ба паҳншавӣ ва сабабҳои зӯроварӣ бо мақсади муайян намудани пешрафт дар соҳаи ҳифз ва пешгирии зӯроварӣ дар оила, муайян кардани он, ки кадом сиёсат самаранок ва сазовори идома доранд, муқаррар шудааст.
8. Қобили зикр аст, ки дар Мушоҳидаҳои ҷамъбастии Кумитаи СММ оид ба рафъи табъиз нисбат ба занон дар гузориши шашуми даврии Тоҷикистон ба мавҷуд набудани маълумоти оморӣ оид ба зӯроварӣ нисбати занон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир гардидааст ва тавсия дода шуд: тақвият додани самаранокии ҷамъоварии маълумот дар бораи ҳама шаклҳои зӯроварӣ нисбати занон ва кӯдакон, ки аз ҷониби мақомот анҷом дода мешавад, аз ҷумла бо роҳи тақсим кардани чунин маълумот аз рӯи намуди зӯроварӣ, шахсияти ҳуқуқвайронкунанда, синну сол ва хусусияти этникии ҷабрдида, натиҷаи ин парвандаҳо, инчунин микдори парвандаҳои арзу шикоят, тафтиҳои гузаронидашуда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашуда ва хукми баровардашуда.[4]
9. Дар айни замон дар Тоҷикистон низоми мукаммал ва ҳамоҳангшудаи ҷамъоварии маълумот оид ба ЗНЗК байни мақомоти гуногуни баҳисобгирии омори расмӣ вуҷуд надорад, аммо як қатор мақомоти расмӣ бо усулҳои гуногун маълумот дар бораи зӯроварӣ нисбати занон ва кӯдаконро ҷамъоварӣ мекунанд.
10. Яке аз самтҳои Ташаббуси Нури Рушноӣ дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби оҷонсиҳои СММ бо дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо амалӣ карда мешавад, барои мусоидат дар такмил ва рушди омори миллӣ оид ба ҷамъоварӣ ва гузориш додани маълумот оид ба зӯроварии гендерӣ равона карда шудааст. Иқдоми мазкур дар маҷмӯъ бо ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди омор барои давраи то соли 2030[5] дар соҳаи омори гендерӣ мувофиқ

[2] https://eige.europa.eu/gender-based-violence/data-collection
[3] ташкилотҳои ғайридавлатии махсусгардонидашуда, ки фаъолияташон бо масъалаҳои зӯроварӣ алоқаманд аст
[4] Сухани ҷамъбастӣ оид ба гузориши шашуми даврии Тоҷикистон // CEDAW. – 2018. https://tbinternet.ohchr.org/_layouts/15/treatybodyexternal/Download.aspx?symbolno=CEDAW%2fC%2fTJK%2fCO%2f6&Lang=ru
[5] Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.

буда, зарурати такмили онро дар самти пешгирии зӯроварӣ нисбати занон муайян менамояд[6].

## Фасли 1. Асос барои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба ташкили омор вобаста ба ҳама ҳолатҳои зӯроварӣ нисбат ба занон ва кӯдакон (ҲЗНЗК)

11. Рушд ва таҷдиди истеҳсоли маълумоти омории ҳолатҳои ЗНЗК яке аз самтҳои афзалиятноки он мебошад, ки дар як қатор ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи миллии рушди омор барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст. Ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишуда ва иҷрои фармони Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 2022 № 32/4-5347 ва банди 8 тавсияҳои муҳокимаи парлумонӣ аз 23 декабри соли 2021 «Дар бораи рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023» тибқи Фармоиши № 12 аз 1 апрели соли 2022 дар назди Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Гурӯҳи кории байниидоравӣ (ГКБ) оид ба таҳияи механизми ҷамъоварии маълумотҳо оид ба зӯроварӣ дар оила ва таъсиси маҳзани маълумоти маҷмӯӣ вобаста ба ҳамаи намудҳои зӯроварӣ таъсис дода шуд.
12. Ҳадаф аз таъсиси ГКБ ҳамоҳангсозӣ ва такмили омори ЗНЗК мебошад. Агентии омор вазифадор аст, ки ҷамъоварии маълумоти омориро оид ба ҳама намудҳои ЗНЗК таъмин намояд.
13. Асоси қонунгузорӣ барои таҳияи нишондиҳандаҳои ягонаи бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ЗНЗК, ки ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунанд, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ама гуна шаклҳои таъиз» Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», инчунин ҷиноятҳои дар асоси гендерӣ пешбинишудаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд (КҶ ҶТ).
14. Дар санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии зерини амалкунанда ҳадафҳои барҳам додани ҳама шаклҳои зӯроварӣ нисбат ба занон ва кӯдакон, инчунин равандҳои ҷамъоварии маълумоти омориро оид ба ЗНЗК зикр гардидаанд:

- ≈ Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1993 ба тасвиб расид;
- ≈ Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, соли 1989, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1993 ба тасвиб расидааст;

[6] Фасли 24. Омори гендерӣ // Стратегияи миллӣ. — Сс.35-41.

- ≈ Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон, соли 2006, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 ба имзо расид;
- ≈ Конвенсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
- ≈ Кодекси оилаи Ҷумхурии Тоҷикистон;
- ≈ Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон
- ≈ Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон
- ≈ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон
- ≈ Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ≈ Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ≈ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори давлатӣ», с. 2010;
- ≈ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо»;
- ≈ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз»;
- ≈ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»;
- ≈ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»
- ≈ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»;
- ≈ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»;
- ≈ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маълумотҳои шахсӣ»;
- ≈ Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
- ≈ Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019 № 585 тасдиқ шудааст.
- ≈ Барномаи давлатии пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014 - 2023.
- ≈ Қарори Ҳукумати ҶТ аз 13.12.2012 №724 «Тартибу ҳаҷми пешниҳод намудани хизматрасонии ройгони иҷтимоӣ»
- ≈ Низомнома Агентии омори назди Президенти Чумхурии Точикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 апрели соли 2010 № 862 тасдиқ шудааст;
- ≈ Низомномаи Шӯрои байниидоравии омори назди Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2010 № 883 тасдиқ шудааст;

**15.** Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалҳои зӯроварӣ дар асоси гендерӣ дар моддаҳои зерин зикр гардидаанд:

≈ Куштор (моддаи 104.),
≈ Кӯдаки навзоди худро куштани модар (моддаи 105.),
≈ Ба худкушӣ расондан (моддаи 109.),
≈ Ѕасдан расонидани зарари вазнин ба саломатҳ (моддаи 110.)
≈ Ѕасдан расонидани зарари миёна ба саломатҳ (моддаи 111.)
≈ Ѕасдан расонидани зарари сабук ба саломатҳ (моддаи 112.)
≈ Лату кӯб (моддаи 116.),
≈ Азобу уқубат (моддаи 117.),
≈ Ба исқоти ҳамл маҷбур сохтани зан (моддаи 124.),
≈ Сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам (моддаи 125.)
≈ Дар хатар монондан (моддаи 127.)
≈ Одамрабоҳ (моддаи 130.),
≈ Савдои одамон (моддаи 130[1])
≈ Ҷайриѕонунҳ маiрум кардан аз озодҳ (моддаи 131.)
≈ Ғайриқонунӣ ҷойгир намудан дар шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ (моддаи 133.)
≈ Маҷбуркунӣ (моддаи 134.),
≈ Таҷовуз ба номус (моддаи 138.),
≈ Ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (моддаи 139.),
≈ Маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ (моддаи 140.),
≈ Алоқаи ҷинсӣ ва дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ бо шахсе, ки ҳанӯз ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидааст (моддаи 141.),
≈ Ҳаракати бадахлоқона (моддаи 142.),
≈ Вайрон кардани баробарҳуқуқии шаҳрвандон (моддаи 143.),
≈ Шиканҷа (моддаи 143[1]),
≈ Ғайриқонунӣ ҷамъ ва паҳн кардани маълумот оид ба ҳаёти шахсӣ (моддаи 144.),
≈ Вайрон намудани дахлнопазирии манзил (моддаи 147.),
≈ Монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии умумии асосӣ (нӯҳсола) (моддаи 164.),
≈ Ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят (моддаи 165.),
≈ Ба шавҳар додани духтари ба синни никоҳ нарасида (моддаи 168.),
≈ Бастани ақди никоҳ дар ҳаққи шахсе, ки ба синни никоҳӣ нарасидааст (моддаи 169.),
≈ Дузанагӣ ё серзанагӣ (моддаи 170.),
≈ Иҷро накардани ӯҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғ (моддаи 174.),
≈ Иҷрои номатлуби ӯҳдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдак (моддаи 175.),
≈ Суиистифода аз ҳуқуқи васӣ ё парастор (моддаи 176.),
≈ Бадқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон (моддаи 177.),
≈ Бадқасдона саркашӣ намудани фарзандон аз таъминоти падару модари ғайри қобили меҳнат (моддаи 178.)
≈ Тайёр кардан ва муомилоти мавод ё предметҳои порнографӣ бо акси ноболиғон (моддаи 241[1].),
≈ Истифодаи ноболиғ бо мақсади истеҳсол намудани мавод ё предметҳои порнографӣ (моддаи 241[2].)

16. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» чор намуди зӯроварӣ, ки аз ҷониби аъзоёни оила содир карда мешаванд, номбар шудаанд, ки нисбати онҳо тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КҲМ ҶТ) чораҳои маъмурӣ танзим мешаванд, аз қабили: зӯроварии шаҳвонӣ дар оила, зӯроварии ҷисмонӣ дар оила, зӯроварии руҳӣ дар оила, зӯроварии иқтисодӣ дар оила. Дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Точикистон мутобиқи моддаи 93.1. «Вайрон кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва 93.2. «Вайрон кардани тартиботи муҳофизатӣ» чораҳои маъмурӣ пешбинӣ шудаанд. Моддаи 93.1-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ҳолатҳои зуроварии ҷисмонӣ, руҳӣ ва иқтисодӣ, агар он ба гуруҳи ҷиноятҳо дохил набошад, татбик мегардад.

## 1.1. Луғати мафҳумҳои МЯИ БҲЗНЗК

17. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло дар ин ҳуҷҷат мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

| |
|---|
| Маълумоти маъмурӣ – маълумоте, ки субъектҳои баҳисобгирии омори расмӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои маъмурӣ ба даст оварда, ба мақомоти давлатии омори давлатӣ барои баҳисобгирии расмии оморӣ пешниҳод мекунанд 7. |
| Табъиз - ҳама гуна тафовут, истисно, маҳдудият ё бартариятест, ки нисбат ба ҳар як шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ё гурӯҳи шахсон, хешовандон ё ашхоси ба таври дигар бо онҳо алоқаманд ва аз рӯи нажод, ранги пуст, пайдоиш, ҷинс, забон, дин ва эътиқод, мансубияти миллӣ ё этникӣ, маъюбӣ, вазъи саломатӣ, синну сол, шаҳрвандӣ, ақида, вазъи молумулкӣ ё дигар ҳолатҳое, ки ҳадаф ё таъсири онҳо паст задан, нобуд кардан ва (ё) паст кардани эътироф, истифода ё аз тарафи ҳамаи шахсон дар асоси баробарии ҳуқуқу озодиҳои инсон амалӣ мегардад. |
| Субъектҳои баҳисобгирии омори расмӣ - мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳалии ҳокимияти давлати ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки ташаккулёбии иттилооти омори расмиро дар соҳаи фаъолияти муқарраршуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебароранд[8]. |
| Идоракунии иттилоот: тарзи коркард ё назорат кардани иттилоот. Марҳилаҳои гуногуни коркарди иттилоотро дар бар мегирад, аз ҷумла: ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, таҳлил ва ҳисоботдиҳӣ/мубодилаи. |
| Маълумоти дахлдор: Маълумоте, ки метавонанд барои таҳлили дақиқ ва мувофиқи додаҳо истифода шаванд. Тамоюл дар он аст, ки маълумоти бештар аз оне, ки метавон истифода бурд, дар сатҳи тафсилоти кофӣ ҷамъоварӣ карда шавад ва манфиати онро барои тавлиди омори умумӣ ва таҳлили пурмазмуни маълумот маҳдуд мекунад. |

[7] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори давлатӣ» аз 22 июли соли 2013 № 996
[8] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори давлатӣ» аз 22 июли соли 2013 № 996

| |
|---|
| Стандартизатсия: Раванди эҷоди мувофиқат ё мунтазамӣ. Яке аз ҳадафҳои асосии системаи ягонаи ҷамъоварии маълумот стандартикунонии раванди ҷамъоварии маълумот мебошад, то ин ки иттилоот дар дохили раванди ҷамъоварии маълумот ба таври назаррас ҷамъоварӣ ва таҳлил карда шавад. |
| Ҷамъоварии маълумот равандҳое мебошанд, ки тавассути онҳо маълумот ҷамъоварӣ ё ба даст оварда мешавад. Вақте ки наҷотёфтагон аз зӯроварӣ кӯмак меҷӯянд, як ҷанбаи муҳими кор ҷамъоварии иттилооти муосир ва дақиқ дар бораи наҷотёфтагон ва ҳодиса мебошад. Нигаронии аввалиндараҷа бояд некӯаҳволии фаврии шахсони зарардида бошад, аз ин рӯ бояд танҳо маълумоте ҷамъоварӣ карда шавад, ки ба эҳтиёҷоти минбаъдаи хидматрасонии мувофиқ бошанд. |
| Нигоҳдории маълумот. Ҳама маълумотҳо дар тамоми раванди идоракунии иттилоот бояд дуруст нигоҳ дошта шаванд, новобаста аз он ки маълумот дар шакли коғазӣ ё дар пойгоҳи электронии маълумот нигоҳ дошта мешавад. Хусусияти махфии маълумоти ЗНЗК ва зарари эҳтимолие, ки дар сурати истифодаи нодурусти маълумот метавонад ба амал ояд, барои ҷонибҳои манфиатдор нигоҳ доштани маълумотро ба тарзе муҳим мегардонад, ки амнияти ҷабрдида, ҷомеа ва ҷамъоварандагони маълумотро таъмин намояд. |
| Таҳлили маълумот. Пас аз ҷамъоварӣ, маълумот бояд таҳлил карда шавад, то фаҳмем, ки иттилоот дар асл чӣ мегӯяд. Таҳлили маълумот ба мо имкон медиҳад, маълумотро маънидод кунед, аз он маъно бароварда, хулосаи асоснок бароред. Таҳлили дурусти маълумоти баландсифат дар бораи ЗНЗК дар сатҳи ташкилӣ як қатор манфиатҳо дорад:<br>Муайян намудани тамоюлҳо ва намунаҳои ҳодисаҳои гузоришшуда<br>Қабули қарорҳои оқилона<br>Ба нақша гирифтани амалҳои минбаъда<br>Баланд бардоштани самаранокии умумии барномаҳои зӯроварӣ дар асоси гендерӣ ва хидматрасонӣ |
| Мубодилаи маълумот. Ҳамон тавре ки маълумотро дар сатҳи ташкилӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил кардан мумкин аст, маълумоти умумиро метавон аз сарчашмаҳои гуногун (мақомот, ташкилотҳо ва идораҳои гуногун) ҷамъоварӣ кард, то маълумоте, ки дар сатҳи байниидоравӣ таҳлил карда шавад. Азбаски бисёр ташкилотҳо ва мақомотҳо аксар вақт дар як минтақа фаъолият мекунанд ва ба як гурӯҳи муштариён хидмат мерасонанд, қобилияти тавлиди маълумоти баландсифати ЗНЗК, ки метавонанд дар байни шӯъбаҳо бехатар мубодила ва таҳлил карда шаванд, қадами асосӣ дар роҳи таъмини муносибати мувофиқ ва мутобиқшуда ба ҳалли проблемаҳои ин соҳа мебошад. |
| Таҳлили маълумот: Ин равандест, ки тавассути он маълумот ё иттилоот барои муаррифии визуалӣ ҷамъоварӣ ва ҷамъбаст карда мешавад. |
| Нуқтаҳои маълумот: намудҳо ё ҳошияҳои мушаххаси маълумоте, ки ҷамъ карда мешаванд. |
| Таҷовузи ҷинсӣ ҳама гуна рафтори зараровар ё номатлуби шаҳвонӣ, ки ба касе тавассути истифодаи қувваи ҷисмонӣ, тарсондан ё маҷбуркунӣ расонида мешавад. Он амалҳои алоқаи зӯроварии шаҳвонӣ, амалҳои маҷбурии ҷинсӣ, кӯшиш ё анҷом додани амалҳои ҷинсии ғайримустақим (алоқаи ҷинсӣ) (таҷовуз ба номус ё кӯшиши таҷовуз), амалҳои бидуни тамос (ба монанди тамошои маҷбурӣ ё иштирок дар порнография) ва/ё амалҳои маҷбуриро дар бар мегирад, ки зан онҳоро таҳқиромез ё таҳқиромез меҳисобад. дорои хусусияти шаҳвонӣ, ки зан онро таҳқиромез медонад. Зӯроварии ҷинсӣ озори ҷинсӣ, таҳқири лафзӣ ва таҳдидҳоро дар бар мегирад. Таҷовуз ба номус ҳамчун воридшавии ҷинсии |

| |
|---|
| ғайримустақим бо роҳи маҳбал, мақъад ё даҳонӣ ба бадани шахси дигар бо ягон узв ё ашёи бадан муайян карда мешавад[9]. |
| Зӯроварии ҷисмонӣ дар оила — кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила нисбат ба дигар узви оила, ки дар натиҷаи истифода бурдани қувваи ҷисмонӣ боиси расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатӣ шудааст[10]. |
| Зӯроварии рӯҳӣ дар оила — таъсиррасонии қасдонаи рӯҳӣ, паст задани шаъну эътибори як узви оила аз ҷониби дигар узви оила бо роҳи таҳдид, таҳқир, иръоб ва ё маҷбуркунӣ ба содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ё кирдорҳое, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфноканд, инчунин ба вайроншавии инкишофи рӯҳӣ, ҷисмонӣ ё шахсият оварда мерасонад[11]. |
| Зӯроварии шаҳвонӣ дар оила — кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила, ки ба озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии дигар узви оила таҷовуз мекунад, инчунин ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, ки нисбат ба узви ноболиғи оила содир шудаанд[12]. |
| Зӯроварии иқтисодӣ дар оила – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила нисбат ба дигар узви оила вобаста ба маҳрум сохтан аз манзили истиқоматӣ, хӯрок, либос, молу мулк ё воситаҳое, ки ҷабрдида тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ҳуқуқ дорад ва ин кирдор метавонад боиси вайрон гардидани солимии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё сар задани дигар ҳолатҳои ногувор гардад[13]. |
| Зӯроварии киберӣ - ҳама гуна зуҳуроти зӯроварӣ мебошад, ки бо истифода аз воситаҳои муосири алоқа ва/ё дастгоҳҳои назоратӣ содир карда мешавад. Зӯроварии киберӣ метавонад аз ҷониби шарики наздик, хешовандон, шиносҳо, шавҳари собиқ / шарик, бегона рух диҳад. |

## Фасли 2. Низоми нишондиҳандаҳои мақомоти давлатии бақайдгирандагони ҲЗНЗК

18. Бақайдгирии ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ва маъмурӣ аз ҷониби як қатор мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи Генералӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти мустақил Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон амалӣ мегардад.

[9] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19 марти соли 2013 №954
[10] Дар ҳамон ҳуҷҷат
[11] Дар ҳамон ҳуҷҷат
[12] Дар ҳамон ҳуҷҷат
[13] Дар ҳамон ҳуҷҷат

ХАДАМОТҲОИ КУМАК ВА ДАСТГИРӢ  БАРОИ ҶАБРДИДАГОНИ ЗӮРОВАРИИ ГЕНДЕРӢ




19. Бояд қайд кард, ки бақайдгирии ҲЗНЗК аз ҷониби ниҳодҳои давлатии болозикр дар қатори дигар ҷиноятҳо амалӣ гардида, маълумоти оморӣ оид ба ҳама намудҳои ЗНЗК ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии амалкунанда пешниҳод карда мешавад.
20. Ҳар як ниҳоди давлатӣ низоми бақайдгирии маълумотҳои худро дорад. Дар ин системаҳо ҷамъоварии омор, инчунин номгӯи нишондиҳандаҳое, ки ҳангоми бақайдгирии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунӣ истифода мешаванд, аз ҷумла бақайдгирии ҳама намудҳои ЗНЗК низ хеле фарқ мекунанд.
21. Тавсифи раванди ҷамъоварӣ ва нишондиҳандаҳои оморӣ дар Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи Генералӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти мустақил Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар фасли мазкур оварда шудааст.

## 2.1. Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 2.1.1. Тавсифи раванди ҷории бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҲЗНЗК

22. Мақсади пешбурди омори судӣ аз он иборат аст, ки судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, судҳои ҳарбии гарнизонҳо, шаҳр ва ноҳия, Суди

иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе маълумоти зарурӣ барои татбиқи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, фаъолияти қонунгузорӣ, таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи судӣ, таъмини ташкилию ҳуқуқии фаъолияти судҳо, таъмини ошкорбаёнӣ ва шаффофияти фаъолияти суд барои ҷомеа таъмин намояд. Ҷамъоварии маълумоти омории судҳо дар асоси моддаи 95 Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

23. Мутобиқи моддаи мазкур судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як сол ду маротиба мувофиқан тибқи шакли ҳисоботи омори давлатии «Ҳисоботи кори судҳои марҳилаи якум оиди баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ (суди марҳилаи якуми Суди Олӣ, Суди ВМКБ, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе, субҳои ҳарбӣ, шаҳр ва ноҳия)» ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти омориро пешниҳод мекунанд. Дар навбати худ судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, судҳои ҳарбии гарнизонҳо, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе охири ҳар сол дар бораи фаъолияти солонаи худ мувофиқан ба Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тариқи шакли ҳисоботи омори давлатии «Ҳисоботи кори судҳои марҳилаи якум оиди баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ (суди марҳилаи якуми Суди Олӣ, Суди ВМКБ, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе, субҳои ҳарбӣ, шаҳр ва ноҳия)» ахборот пешниҳод менамоянд.

**Расми 1. Сохтори бақайдгирии парвандаҳои ҲЗНЗК дар мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**




### 2.1.2. Нишондиҳандаҳои истифодашаванда

24. Маълумоти оморӣ дар мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Шакли 1 «Ҳисоботи кори судҳои марҳилаи якум оиди баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ (суди марҳилаи якуми Суди Олӣ, Суди ВМКБ, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе, субҳои ҳарбӣ, шаҳр ва ноҳия)», нимсола, солона, ки бо фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷухурии Тоҷикистон аз «24» декабри соли 2018, №65 тасдиқ шудааст, тибқи тартиби

муайян ҷамъоварӣ шуда, ба Агентии оимори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардар.

25. Маълумот оиди ҳаракати парвандаҳои ҷиноятӣ ва таъинотҳои хусусӣ аз рӯи моддаҳои

≈ 104. Одамкушӣ,
≈ 105. Кӯдаки навзоди худро куштани модар,
≈ 109. Ба худкушӣ расондан,
≈ 110. Қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ,
≈ 130. Одамрабоӣ,
≈ $130^1$. Хариду фурӯши одамон,
≈ 131. Ғайри қонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ,
≈ 138. Таҷовус ба номус,
≈ $143^1$. Шиканҷа,
≈ 164. Монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии умумии асосӣ (нӯҳсола),
≈ 165. Ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят,
≈ 167. Хариду фурӯши ноболиғон,
≈ 168- 169. Ба шавҳар додани духтари ба синни никоҳ нарасида ва бастани ақди никоҳ дар ҳаққи шахсе, ки ба синни никоҳӣ нарасидааст,
≈ 170. Дузанагӣ ё серзанагӣ,
≈ 177. Бадқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон,
≈ 179. Терроризм,
≈ $179^1$. Ҷалб кардан барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ дошта,
≈ $179^2$. Маблағгузории ҷиноятҳои хусусияти террористидошта,
≈ 181. Ғасби гаравгон,
≈ 186. Бандитизм,
≈ 187. Ташкили иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ),
≈ 189. Барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва ё динӣ,
≈ 195. Ғайриқонуни соҳиб шудан ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан гирифта гаштани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш,
≈ 196-199. Ғайриқонуни сохтани силоҳ. Тасарруфи силоҳ лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш,
≈ 200. Муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекупсорҳо бо максади ба соҳибияти каси дигар додан,
≈ 201. Муносибати ғайриқонунии бо воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо,
≈ 202-203. Тасарруфи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо моил кардан ба истеъмоли воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо,
≈ 204. Парвариши ғайриқонунии зироатҳои дорои моддаҳои нашъаовари кишташон манъ шуда,
≈ 205. Ташкил ё нигоҳдошти фасодхонабарои истеъмоли воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо,
≈ 212. Вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт,
≈ 237. Авбошӣ,
≈ 238-239.Ба фоҳишагӣ ҷалб намудан, ташкил ё нигоҳдошти фоҳишахонаҳо, даллагӣ ё занҷалобӣ,
≈ 244. Дуздӣ,

≈ 245. Аз они худкунӣ ё исрофкорӣ,
≈ 247. Қаллобӣ,
≈ 248. Ғоратгарӣ,
≈ 249. Роҳзанӣ,
≈ 250. Тамаъҷӯӣ,
≈ 252. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф,
≈ 258. Монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ,
≈ 259-260. Соҳибкории ғайриқонунӣ, соҳибкории сохта,
≈ 262. Қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда,
≈ 286. Додугирифти ғайриқонунӣ бо асъори хориҷӣ,
≈ 289. Контрабанда,
≈ 305. Хиёнат ба давлат,
≈ 307. Даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
≈ $307^1$. Даъвати оммавӣ дар ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ),
≈ $307^2$. Ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ),
≈ $307^3$-$307^4$. Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ),
≈ 306 – 308 - 313. Ҷиноятҳо ба муқобили сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат,
≈ 314-316. Сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ ва баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ,
≈ 319. Гирифтани пора,
≈ 320-321. Додани порра ва иғвои порадиҳӣ,
≈ 347. Хабар надодан дар бораи ҷиноят ё пинҳон доштани он,
≈ 373. Вайрон кардани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ дар ҳолати набудани тобеияти хизматӣ дар байни онҳо,
≈ 374. Худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳаллӣ хизмат,
≈ 375. Фирор,
≈ 376. Саркашӣ аз иҷрои вазифаҳои хизматӣ харбӣ бо рохи узвмаибкунӣ ё усули дигар,
≈ 391. Сӯиистеъмоли ҳокимият ё мақоми хизматӣ, аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ва хизматӣ баромадан ё бефаъолиятии ҳокимият,
≈ $401^1$. Ҷалб ва иштироки ғайриқонунии шаҳрвандони ҶТ ва шахсони бешаҳрванд дар воҳиди мусаллаҳ, задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ дар қаламрави дигар давлат. Аз ҷумла дигар ҷиноятҳо: Зӯровари дар оила (мод 109, 110, 112, 116, 117). Ҷиноятҳо вобаста ба замин: Ҷиноятҳо вобаста ба хариду фурӯши одамон; Ҷиноятҳое, ки аз тарафи кормандони ҳифзи ҳуқуқ содир карда шудааст; Ҷиноятҳое, ки аз тарафи омӯзгорон, донишҷӯён ва хонандагони мактаб содир карда шудааст; Аз рӯи парвандаҳои ноболиғон;
≈ Аз рӯи парвандаҳо бо айбдоркунии хусусӣ ва тибқи индикаторҳои зерин ҷамъоварӣ карда мешавад.

26. Ҷадвали ҳаракати парвандаҳои ҷиноятӣ аз рӯи моддаҳои дар боло овардашуда, дар асоси нишондиҳандаҳои зерин тартиб дода мешаванд:
    1. Парвандаҳои боқимондаи барраси нагардида дар давраи аввали ҳисоботӣ;
    2. Ҷамъи умумии парвандаҳои дар давраи ҳисоботӣ ворид гардида; Парвандаҳои дар давраи ҳисоботӣ баррасигардида
    3. Бо баровардани ҳукм

    3а. Аз ҷумла бо баровардани ҳукми ғоибона

4. Дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ (мод 268)
5. Дар давраи маҷлиси судӣ (мод 288);
6. Чораҳои характери тиббӣ дошта ва номукалафӣ татбиқ карда шудааст;
7. Ба тафтиши иловагӣ баргардонида шуд аз маҷлиси судӣ:

7а. Шумораҳои парвандаҳое, ки пас ааз фиристодан ба тафтиши иловагӣ боз ба суд ворид шудаанд

8. Ба тобеияти суди дигар фиристонидан
9. Аз ҷумла бо гузаронидани мӯҳлат зиёда аз 1 моҳ (сутунҳои 3, 4-5, 6-7, 9):
10. Ҳамагӣ (ҷамъи сутунҳои 3,5-8,9);
11. Парвандаҳои боқимондаи барраси нагардида дар охири давраи ҳисоботӣ
12. Аз онҳо зиёда аз 3 моҳ дар истеҳсодот қарор доранд (дар якҷоягӣ бо парвандаҳои боздошташуда);

Бо парвандаҳои дар давраи ҳисоботи баррасигардида

13. Маҳкумшудагон

13а. Ноболиғон

13б. Занҳо

13в. Шаҳрвандони хориҷӣ

13г. Шумораи маҳкумшудагон бо ҳукмҳои ғоибона

14. Ҳукмҳои қисман сафедкардашуда

14а. Ҳукмҳои пурра сафедкардашуда

Шумораи ашхосе, ки парвандаҳо нисбаташон қатъ карда шудаанд

15. Ҳамагӣ

15а. Аз ҷумла, бо татбиқи авф

15б. Аз ҷумла набудани ҳодиса ё таркиби ҷиноят ва исбот нашу- дани айб

16. Шумораи ашхоси номукаллафе, ки нисбаташон чораҳои маҷбурии характери тиббӣ дошта татбиқ шудаанд

17. Шумораи ашхосе, ки нисбаташон парвандаҳо ба тафтишоти иловагӣ фиристонида шудаанд

Дар фасли 2. Маълумот оиди ҷазои таъиннамуда нисбати маҳкумшудагон, таъинотҳои хусусӣ ва ташфиқоту тарғибот аз руи моддахои дар боло қайд гардида, тибқи нишондиҳандаҳои зерин ҷамъоварӣ мешаванд:

1. Ҷарима

2. Корҳои ҳатмӣ

3. Корҳои ислоҳӣ

4. Бо маҳдуд кардан дар қисми ҳарбӣ

5. Маҳрум сохтан аз озодӣ

6. Якумра аз озодӣ маҳрум сохтан

7. Дигар ҷазоҳо

8. Муҳлати санҷиш (мод 71 КҶ)

9. Бо мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм

10. Аз ҷумла, бо татбиқи қонуни авф ё бидуни таъини ҷазо аз ҷазо озод карда шуд

11. Аз ҷумла, аз сутунҳои 1 то 9 таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (моддаи 63 КҶ ҶТ)

Ҷазоҳои иловагӣ

12. Мусодираи молу мулк (моддаи 57 КҶ)

13. Ҷарима

14. Маҳрум кардан аз ҳуқуқи мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян

15. Маҳрум сохтан аз рутбаи ҳарбӣ, дипломатӣ, унвонҳои махсус, фахрӣ, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон

16. Мусодираи далелҳои шайъӣ танҳо ба фоидаи давлат (моддаи 78 КМҶ ҶТ) (аз рӯи парванда)

17. Таъинотҳои хусусии баровардашуда

17а. Оиди бартараф кардани сабабҳо ва шароите. ки ба содир кардани ҷиноят ёрӣ расонидаанд

17б. Камбудиҳои дар давраи таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтишоти пешакӣ содир кардашуда

18. Шумораи парвандаҳои дар мурофиаи сайёри судӣ баррасигардида
19. Телевизион
20. Радио
21. Рузномаю маҷалаҳо
22. Вохурию баромадҳо
23. Шумораи ҷабрдидаҳо аз рӯи парвандаҳои баррасӣ шуда:
- Ҷинси мард;
- Ҷинси зан

28. Ҷадвали намудҳои ҷазо оид ба шумораи ҳукмшудагон тибқи нишондиҳандаҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

Намудҳои ҷазо;
1. Аз руи шумораи шахсон;
- ҳамагӣ;
Аз он ҷумла:
- ноболиғон;
- зан;
- мард;
3. Аз онҳо шаҳрвандони хориҷӣ:
- ҳамагӣ;
- зан;
- мард

Шумораи маҳкумшудагон аз рӯи индикаторҳои зерин баҳисоб гирифта мешаванд:

1. муҳлат: то 2 сол; аз 2 то 5 сол; аз 5 то 12 сол; аз 12 сол боло;
2. бо ҷазои якумра;
3. бо шартан татбиқ накардани ҷазо;
4. бо мавқуф гузоштани иҷроиши ҳукм;
5. бо маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ;
6. бо корҳои ҳатмӣ;
7. бо корҳои ислоҳӣ;
8. бо ҷарима: рӯёнида шуд; иваз када шуд; қатъ карда шуд; бо татбқи авф озод карда шуд; мавқуф гузошта шуд;
9. боқимонда; *бо дигар ҷазоҳо*.

Баррасии пешниҳодҳо тибқи нишондиҳандаҳои ҷадвали зерин ҷамъоварӣ мешавад:

1. Номгӯи пешниҳодҳо;
2. Ҳамагӣ баррасӣ шуд:
   - парванда;
   - шахс;
3. Аз онҳо қонеъ карда шуд:
   - занон;
   - ноболиғон;
   - шаҳрвандони хориҷӣ

29. Маълумоти мазкур тибқи индикаторҳои зерин ҷамъоварӣ карда мешаванд:

1. Аз як намуди муассисаи ислоҳӣ ба намуди дигари муассисаи ислоҳӣ гузаронидан;
2. Шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан;
3. Бо сабаби беморӣ аз адои ҷазо озод кардан;
4. Дароз кардани мавқуфгузории иҷрои ҳукм
5. Бекор кардани мавқуфгузории иҷрои ҳукм;
6. Бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо (мод 71 КҶ);
7. Озод кардан аз адои ҷазо бо сабаби гузаштани муҳлати иҷрои ҳукм;
8. Иҷрои ҳукмҳои судҳои хориҷӣ
9. Иваз намудани ҷарима ба маҳрум сохтан аз озодӣ
10. Иваз намудани маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҷарима;
11. Иваз намудани ҷазои ҷарима ба корҳои ислоҳӣ;
12. Дароз намудани муҳлати иҷрои санадҳои судӣ;
13. Қатъ кардани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ва тарбиявӣ;
14. Дар бораи бардоштани доғи судӣ;
15. Дигар пешниҳодҳо;

30. Маълумоти оморӣ оид ба баррасии дархостҳо аз рӯи индикаторҳои тибқи нишондиҳандаҳои зерин ҷамъоварӣ мешавад:

**1.** Ҳабс кардан;
2. Дароз намудани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан,
3. Азназаргузаронии манзил;
4. Кофтукоби манзил
5. Ҳабси молу мулк,
6. Кофтуков, ёфта гирифтани ашё,
7. Ҳабси маблағҳо,
8. Гӯш ва сабт кардани гуфтугӯи телефонӣ ва дигар гуфтугӯҳо,
9. Муваққатан аз вазифа дур кардани айбдоршаванда,
10. Ҳабси хонагӣ,
11. Дигар дархостҳо

31. Дар Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳзани ягонаи бақайдгирии ҷиноятҳо доир ба вайрон намудани баробарии гендерӣ, зӯроварӣ дар оила мавҷуд нест. Дар Ҳисоботи кори судҳои марҳилаи якум оиди баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ (суди марҳилаи якуми Суди Олӣ, Суди ВМКБ, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе, судҳои ҳарбӣ, шаҳр ва ноҳия)» нишондиҳандаҳо оид ба шумораи ҷамъбастиҳои амалияи судӣ оиди парвандаҳои ҷиноятӣ, шумораи пешниҳодҳои ҷамъбастиҳое, ки дар натиҷаи ҷамъбастиҳои амалияи судӣ аз тарафи судҳо бароварда шудаанд.

## 2.2. Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 2.2.1. Тавсифи раванди ҷории бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҲЗНЗК

32. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ягонаи марказонидашуда мебошад, ки дар доираи ваколатҳот худ риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад.

33. Тибқи моддаи 66-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор дар бораи ҷинояткорӣ, ошкор кардани ҷиноятҳо, кори тафтишотӣ ва назорати прокурорӣ ба иҷрои қонунҳо, инчунин тартиби ягонаи таҳия ва ба мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардани ҳисоботи омориро муқаррар мекунад.

34. Бояд қайд кард, ки тибқи Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» Прокуратураи генералӣ субъекти мубориза бо зӯроварӣ набуда, балки дар доираи ваколатҳое, ки дар Конститутсия, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» КМҶ ҶТ, Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷуӣ» муайян шудаанд, бо мақсади мубориза бо зӯроварӣ дар оила ҳамчун падидаи номатлуб тадбирҳои зиёдеро роҳандозӣ менамояд.

35. Вазифаи мақомоти прокуратура аз таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва ва тартиботи ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд иборат мебошанд (моддаи 4):

- назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, сарфи назар аз тобеият, мансубият ва шакли моликияти онҳо, аз тарафи шахсони мансабдори онҳо, инчунин ба қонунҳо мутобиқ будани санадҳои ҳуқукие, ки онҳо мебароранд (Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 №1410, фз 24.12.2022 №1917);

- назорат ба риоя ва иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки бар зидди ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мубориза мебаранд, инчунин мақомоте, ки бо фаъолияти оперативию ҷустуҷуӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ машғул мебошанд;

- ҳизфи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, манфиатҳои давлат, шаклҳои гуногуни моликияти давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар мурофиаи судӣ;

- назорат ба риоя ва иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои нигоҳдориибоздоштшудагон, ҳабси пешакӣ, ҳангоми иҷрои ҷазо ва дигар чораҳои дорои хусусияти маҷбуркунӣ, ки суд муқаррар мекунад;

- назорат ва риояи қонунҳо ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои иҷро, ки қонун муқаррар намудааст, аз ҷониби иҷрочиёни мақомоти иҷро ва дигар мақомоти ваколатдор (Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2014№1166, аз 20.06.2019 №1607, аз 24.12.2022 №1917);

- тафтишоти ҷиноятҳо; таҳияи чораҳои пешгирии ҷиноятҳо, мубориза бар зидди коррупсия, терроризм, экстремизм (ифротгароӣ) ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо якҷоя бо дигар мақомоти давлатӣ, иштирок дря кору такмилу тавзеҳи қонунҳо;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба мубориза бар зидди чиноятҝорӣ ва пешгирии он ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо (Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.05.2007 №251);

- иштирок дар баррасии парвандаҳо аз ҷониби судҳо;

- эътироз, шикоят ва ариза овардани нисбати фармон, ҳалнома, ҳукм, таъинот ва қарорҳои судҳо, ки хилофи қонун мебошанд (Қонуни конститутсионии ҶТ аз 31.13.2008 №450);

- Прокуратура мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ метавонад дар дигар самтҳое, ки дахолати назорати прокурорӣ зарур аст, фаъолият менамояд.

36. Ҳамаи ваколатҳои дар боло зикршуда ба ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила низ дахл доранд.

37. Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мувофиқат ба зӯроварӣ дар оила ва ҳифзи оила ваколатҳои васеъ дорад. Фаъолияти прокурорӣ гуногунҷабҳа мебошад, вале самти асосии он – ин таъмин намудани волоияти қонун, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон, манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ мебошад.

38. Пеш аз ҳама ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқҳои занон тибқи Нақшаи миллии чорабиниҳо дар бораи иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба барҳам додани табъиз нисбати занон ба маърӯзаи даврии муттаҳидшудаи чорум ва панҷуми Тоҷикистон, Нақшаи миллии чорабиниҳо оид ба иҷрои Қатъномаҳои №1325 ва №2242 Шӯрои амнияти СММ, Нақшаи миллии иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ доир ба татбиқи Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, “Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023 амал намуда, ҳар нимсола ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои санадҳои болозикршуда ҳисоботро пешниҳод менамояд.

**Расми 2. Сохтори бақайдгирии парвандаҳои ҲЗНЗК дар мақомоти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**



### I. Мақсад ва вазифаҳои механизми ҷамъоварии маълумоти оморӣ.

39. Мақсади асосии ҷорӣ намудани механизми ҷамъоварии маълумотҳо оид зӯроварӣ дар оила ва таъсиси махзани маълумоти маҷмӯӣ вобаста ба ҳамаи намудҳои зӯроварӣ дар оила ин баланд бардоштани самаранокии баҳогузории вазъият, муайян кардани динамикаи ҷараён, инчунин ба даст овардани сарчашмаи холисонаи маълумоти зарурӣ барои чораандешии ҷинояткорӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила ноболиғон, бартарафсозии қолабҳои куҳна, дастгирии иҷтимоӣ-парасторӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва ҳамзамон мукаммалгардонии ҳамкории дахлдори мақомотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар самтҳои зерин мебошад:

≈ ҳамкорӣ оид ба ошкоркунӣ, бақайдгирӣ ва ташкил намудани корҳои профилактикии инфиродӣ бо зӯроварон дар оила;
≈ ошкор ва бартарафсозии сабабу омилҳое, ки боиси сар задани ин кирдорҳои қасдонаи яке аз аъзоёни оила нисбати дигар аъзоёни оила гардидааст;
≈ ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ, вазорату идораҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар пешгирии зӯроварӣ дар оила, андешидани чораҳои мушаххас оиди бартараф намудани ин омили номатлуб, ба нақша гирифтани чорабиниҳо дар ин самт, расонидани кумаки иҷтимоӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила.

### 2.2.2. Нишондиҳандаҳои истифодашаванда

### I. Тарзи дастрасии маълумотҳои оморӣ

40. Дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳлилу ҷамъбаст, диққати асосӣ ба ҷиноятҳо аз рӯи моддаҳои зерин дода мешавад:

≈ 104. Куштор,
≈ 105. Кӯдаки навзоди худро куштани модар,
≈ 109. Ба худкушӣ расондан,
≈ 110. Қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ
≈ 111. Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ
≈ 112. Қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ
≈ 116. Лату кӯб,
≈ 117. Азобу укубат,
≈ 124. Ба исқоти ҳамл маҷбур сохтани зан,
≈ 125. Сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам
≈ 127. Дар хатар монондан
≈ 130. Одамрабоӣ
≈ $130^1$ Савдои одамон
≈ 131. Ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ
≈ 133. Ғайриқонунӣ ҷойгир намудан дар шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ
≈ 134. Маҷбуркунӣ,
≈ 138. Таҷовуз ба номус,
≈ 139. Ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ,
≈ 140. Маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ,
≈ 141. Алоқаи ҷинсӣ ва дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ бо шахсе, ки ҳанӯз ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидааст,
≈ 142. Ҳаракати бадахлоқона,

- 143. Вайрон кардани баробарҳуқуқии шаҳрвандон,
- 143[1] Шиканҷа,
- 144. Ғайриқонунӣ ҷамъ ва паҳн кардани маълумот оид ба ҳаёти шахсӣ,
- 147. Вайрон намудани дахлнопазирии манзил,
- 164. Монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии умумии асосӣ (нӯҳсола),
- 165. Ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят,
- 168. Ба шавҳар додани духтари ба синни никоҳ нарасида,
- 169. Бастани ақди никоҳ дар ҳаққи шахсе, ки ба синни никоҳӣ нарасидааст,
- 170. Дузанагӣ ё серзанагӣ,
- 174. Иҷро накардани ӯҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғ,
- 175. Иҷрои номатлуби ӯҳдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдак,
- 176. Суиистифода аз ҳуқуқи васӣ ё парастор,
- 177. Бадқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон,
- 178. Бадқасдона саркашӣ намудани фарзандон аз таъминоти падару модари ғайри қобили меҳнат ва дигар моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ бавосита ва ё бевосита ҳолатҳои ҷавобгарӣ дар оиларо пешбинӣ намуда, шахсони содирнамудаи ҷиноят ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.
- 241[1]. Тайёр кардан ва муомилоти мавод ё предметҳои порнографӣ бо акси ноболиғон,
- 241[2]. Истифодаи ноболиғ бо мақсади истеҳсол намудани мавод ё предметҳои порнографӣ

41. Аксарияти моддаҳои зикршудаи Кодекси ҷиноятӣ тобеияти тафтишотии мақомоти прокуратура буда, парвандаҳои ҷиноятӣ аз тарафи муфаттишони мақомоти прокуратура оғоз ва тафтиш карда шуда, шахсони ҷинояткор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

42. Дар Прокуратураи генералӣ Махзани ягонаи бақайдгирии ҷиноятҳо доир ба вайрон намудани баробарии гендерӣ, зӯроварӣ дар оила мавҷуд набуда, ҳисоботҳои оморӣ - маълумотҳои дақиқ оид ва содир намудани ҷиноятҳо, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои зӯроварӣ дар оила ҷазоҳои ҷиноятиро пешбинӣ кардааст, ҳар нимсола аз Сармаркази ахборотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дархости шифоҳӣ дастрас шуда, сатҳи содиршавии ин ҷиноятҳо таҳлилу ҷамъбаст карда мешавад.

43. Прокуратураҳои вилоятҳо, шаҳру ноҳия дар навбати худ барои таҳлили пурра маълумотҳоро оиди ҷиноятҳое, ки таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ба тобеияти мақомоти корҳои дохила дахлдоранд, аз шуъбаҳои корҳои дохила ва натиҷаи баррасии парвандаҳои маъмурӣ, ҷиноятӣ, айбдоркунии хусусиро аз судҳои вилоятҳо (шаҳру ноҳия), шаҳри Душанбе, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дастрас менамоянд.

44. Дар Прокурауреи генералӣ таҳлилу ҷамъбаст ва назорат аз болои иҷрои ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба зиммаи кормандони Раёсати назорати тафтиши пешакӣ дар мақомоти прокуратура вогузор шуда, дар асоси Фармоиши роҳбари Раёсат аз ҷониби яке аз кормандон ҳар нимсола таҳлилу ҷамъбаст карда мешавад.

45.Ба ҳамин монанд дар прокуратураҳои поёнӣ ин масъала таҳлил карда мешавад.

**II. Категорияи зӯроварон ва ҷабрдидагоне, ки нисбаташон дар чорчӯбаи механизми ҷамъоварии маълумоти оморӣ бақайдгирии ҳатмӣ анҷом дода мешавад.**

46. Бояд қайд намуд, ки айни замон дар Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли тасдиқшудаи ҳисоботи омори давлатӣ вобаста ба зӯроварӣ дар оила ва нобаробарии гендерӣ мавҷуд нест.

Бо мақсади ҷамъбасти маълумот оид ба зӯроварӣ дар оила, ҷадвали баҳисобгирӣ тартиб дода шудааст. (**Замимаи 2**.)

Ҷадвали мазкур 20 намуди нишондиҳанда оид ба зӯроварӣ дар оиларо дар бар мегирад, аз ҷумла:

1. Нишондиҳанда оид ба миқдори муроҷиат, хабарҳо ва иттилооти воридгардида аз рӯи муроҷиати шифоҳӣ, хаттӣ, хабар аз интернет, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, вазоратҳо, идораҳо ва муассисаҳо, созмонҳои байналмилалӣ ҷамъоварӣ карда мешавад;
2. Маълумот оид ба натиҷаи баррасии парванда
3. Маълумот оид ба рад шудани парванда
4. Маълумот оид ба оғоз шудани парвандаи ҷиноятӣ
5. Маълумот оид ба нисбати чанд нафар, аз ҷумла: мардон, занон, ноболиғон, аз ҷониби омӯзгорон, аз ҷониби шахсони масъул (хонаи кудакон, пиронсолон)
6. Ҷиноятҳо аз ҷониби хешовандон содир шудааст (зӯроварӣ дар оила-сутуни 3), аз ҷумла: падар нисбати духтар, шавҳар нисбати зан, зан нисбати шавҳар, фарзанд нисбати волидайн, бародар нисбати хоҳар, хоҳар нисбати бародар, хусур нисбати келин, писар нисбати модар, фарзандхондагон, парастор, волидайн нисбати фарзанди угай, дигар хешовандон нисбати келин, домод, хоҳари шавҳар, бародари шавҳар нисбати аъзоёни хурдсоли оила
7. Маълумот оид ба синну соли шахсони ҷиноятсодиркарда: то 6 сола, аз 6 то 14 сола, аз 14 то 18 сола, аз 18-25 сола, аз 25-40 сола, аз 40-60 сола, аз 60 боло;
8. Маълумот оид ба вазъи иҷтимоӣ ва оилавии ҷинояткор: тарбиятгирандаи боғчаи кӯдакон, хонанда, донишҷӯ, коргар, хизматчӣ, нафақахӯр, хонанишин, бекор, тарбиятгирандаи интернат ва хонаи кӯдакон, хизматчии ҳарбӣ, оиладор, муҷаррад, бевамард(бевазан), собиқ зану шавҳар
9. Маълумот аз рӯи таҳсилот: миёна, нопурра, махсус, олӣ, бемаълумот
10. Маълумот оид ба:

≈ тарз, вақт ва ҷои амалҳои содиршуда (аз сутуни 2): дар ҳолати мастӣ, дар вақти шабона, рӯзона, дар оилаи ҷавон (то як сол) дар ҷои ҷамъиятӣ, дар хонаи шавҳар, дар хонаи маскуншуда, такроран, қаблан суд шудааст, доштани қасду хусумат
≈ Қасдан аз ҳаёт маҳрум сохтани аъзои оила
≈ Ба қатл расонидани фарзанд
≈ Бо роҳи таҳдид, муомилаи бераҳмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори шахсӣ ҷабрдида ба худкушӣ расонидан ё суйқасди он аз ҷиҳати моддӣ ё аз ҷиҳати дигар тобеи гунаҳгор ё нисбати ноболиғ содир шудааст
≈ Ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ таҳдиди куштан
≈ Маҷбур сохтани зан ба исқоти ҳамл
≈ Дидаву дониста ба касалиҳои сироятӣ
≈ Рабудани одам бо ироҳи таҳдид ва истифодаи зӯроварӣ

≈ Бо роҳи аҳди ғайриқонунӣ хариду фурӯшӣ одам (зан, мард,ноболиғон ё аъзоёни оила)
≈ Бо истифодаи таҳдид, зӯроварӣ ё истифодаи он нисбати зан ё дигар шахсони ба ӯ наздик таҷовуз намудан ба номус (Вазъияти оҷизона)
≈ Бо роҳи иръоб-паҳн кардани расму навор маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ
≈ Бо роҳи зӯроварӣ ва таҳдид содир намудани ҳаракатҳои бадахлоқона нисбат ба духтари баръало ноболиғ суиистифода аз ҳиссиёт ва боварии динӣ
≈ Вайрон кардани баробарҳуқуқии шахс вобаста ба ҷинс
≈ Бо роҳи ғайриқонунӣ ва ё пинҳонӣ ворид шудан ба манзил мунтазам лату кӯб ё содир кардани дигар ҳаракатҳои зӯроваронаи алоқаманд бо расонидани зиёни миёнаи вазнин ба саломатӣ
≈ Ҷудонигаҳдорӣ
≈ тарсонидан бо мақсади таҳмили ирода
≈ маҳрум намудан аз воситаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла воситаҳо барои зиндагӣ нисбати ду ва ё зиёда узви оила
≈ нисбат ба зане, ки ҳомила будани ӯ баръало барои гунаҳгор аён аст
≈ нисбати ноболиғ ё шахсе, ки дар ҳолати оҷизӣ қарор дорад.
≈ дар ҳузури ноболиғ нисбати узви оила
≈ бо ангезаи бадбинии динӣ ё нафрат гардида бошанд
≈ бо бераҳмии махсус
≈ аз беэҳтиёти боиси марги ҷабрдида ё дигар оқибатҳои вазнин
≈ Аз ҷинояткор вобастагӣ доштани ҷ/да
≈ Бо ҳар тарз монеъ шудан ба гирифтани маълумотӣ ҳатмӣ
≈ Ба шавҳар додани духтари ноболиғ
≈ Иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбия ноболиғ
≈ Таъмин накардани бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдак
≈ Бо сабабҳои узрнок таъмин накардани фарзандон
≈ Бо сабабҳои узрнок таъмин накардани волидайни ғайриқобили амал

11. Маълумот оид ба миқдори ҷабрдидагон, аз ҷумла: занон, мардон, ноболиғон, хурдсолон, маъюбон

12. Маълумот оид ба синну соли ҷабрдидагон: то 6 сола, аз 6 то 14 сола, аз 14 то 18 сола, аз 18-25 сола, аз 25-40 сола, аз 40-60 сола, аз 60 боло.

13. Маълумот оид ба таҳсилот: миёна, нопурра, махсус, олӣ, бемаълумот

14. Маълумот оид ба вазъи иҷтимоии ҷабрдидагон: тарбиятгирандаи боғчаи кӯдакон, хонанда, донишҷӯ, коргар, хизматчӣ, нафақахӯр, хонанишин, бекор, тарбиятгирандаи интернат ва хонаи кӯдакон, хизматчии ҳарбӣ, оиладор, муҷаррад, бевамард(бевазан), собиқ зану шавҳар;

15. Маълумот оид ба зарари расонидашуда,аз ҷумла: ҷисмонии сабук, ҷисмонии миёна, ҷисмонии вазнин, ҷисмонии махсусан вазнин, ба ҳалокат расонида шуд, зарари рӯҳи, зарари шаҳвонӣ;

16. Маълумот оид ба ҷабрдида ба марказҳои тавонбахши бозравон шудааст ё не

17. Маълумот оид ба ҷораҳои андешидашуда ҷиҳати барқароршавии ҷуброни зарар

18. Маълумот оид ба парвандаҳои ҷиноятии ба суд ирсолшуда

19. Маълумот оид ба парвандаҳое, ки тафтишоташон идома дорад

20. Маълумот оид ба парвандаҳое, ки аз ҷониби суд барраси гардидаанд.

47. Нишондиҳандаҳои мазкур бо нишондоди давра аз рӯи ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ, ҷинотҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ, ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, ҷиноятҳо ба муқобили оила ва ноболиғон.

## 2.3. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 2.3.1. Тавсифи раванди ҷории бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҲЗНЗК

48. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти давлатӣ буда, дар доираи ваколатҳои худ ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ташкил ва амалӣ намудани чораҳои пешгирӣ, ошкоркунӣ, бартарафкунӣ, фошсозӣ ва тафтишоти ҷиноятҳо, пешгирӣ ва рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, таъмини муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣро таъмин менамояд.

49. Бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оидла» аз 19 марти соли 2013, № 954 ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо қабул карда шуданд.

50.Иҷрокунандаи асосии Қонуни мазкур, албатта, мақомоти корҳои дохилӣ мебошанд, зеро онҳо асосан ба огоҳкунӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила нигаронида шудаанд.

51.Бояд тазаккур дод, ки ҳанӯз то қабули Қонуни мазкур бо Фармони Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 марти соли 2010 дар мақомоти корҳои дохилӣ 17 вазифаи нозирони мубориза бо зӯроварӣ дар оила, ки асосан аз занон иборат буданд, ҷорӣ карда шуда буд. То ин шумораи ҳуҷраи пешгирии зӯроварӣ дар оила ба 15 адад расидааст.

52.Бо мақсади татбиқи самараноки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», инчунин расонидани кӯмак ва дастгирӣ ба занони ҷабрдидаи зӯроварӣ, пешгирӣ ва рафъи зӯроварӣ дар оила, ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва кафолатҳои конститутсионии занон дар муносибатҳои оилавӣ дар ҷумҳурӣ 22 маркази бӯҳронӣ ва 3 филиали онҳо таъсис дода шудаанд, ки онҳо то имрӯз бомуваффақ фаъолият доранд.

53.Бояд гуфт, ки вазифаи асосии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳар гуна рафтори бадахлоқона дар оила, инчунин расонидани кӯмак ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила буда, аз ҷониби мақомот чораҳои дахлдор андешида шаванд.

54. Илова бар ин, дар доираи барномаи ислоҳоти милитсия аз ҷониби Вазорати корҳои дохилӣ ва шӯъбаҳои минтақавии он «Телефони боварии 221-21-21» ва «Мадад 1919» ва вебсайти расмии вазорат ташкил ва фаъолият намудаанд, ки тавассути онҳо қурбониёни зӯроварии хонаводагӣ метавонад бевосита ба мақомоти корҳои дохилӣ муроҷиат кунад.

**Расми 3.Сохтори бақайдгирии парвандаҳои ҲЗНЗК дар Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**




### 2.3.2. Нишондиҳандаҳои истифодашаванда

55.Бо мақсади таъмини бақайдгирии ҳолатҳои ЗНЗК бо Фармоиши Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дастурамал доир ба ташкили фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирӣ, баратарафкунӣ ва эътино намудан ба ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила" аз 20 апрели соли 2016 №276\з қабуд шудааст.

56. Тибқи замимаи 1. Дарстурмалаи мазкур, бақайдгирии ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила тибқи Шакли ариза дар бораи далели зӯроварӣ дар оила (аз ҷониби субъектон ба расмият даровардa мешавад) амалӣ мегардид.

57. Дар шакли ариза нишондиҳандаҳои зерин бақайд гирифта мешаванд.

1. Рақам, таърих ва вақти гузаронидани сӯҳбат бо ҷабрдида;

2. Намуди мурочиат:

- ≈ Мурочиати бевоситаи ҷабрдида
- ≈ Ҷабрдида
- ≈ Хешовандон
- ≈ Дигарон
- ≈ Аз тарафи субъекти зерин бозфирист шудааст:
- ≈ МКД
- ≈ Маркази дастгирии бонувон
- ≈ Муассисаи тиббӣ
- ≈ Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак
- ≈ Дигарон.

58. Дар мавриди дар натиҷаи бозфирист мурочиат намудани ҷабрдида, пас дар банди Б дар шакли ариза субъекти бозфирист қайд карда мешавад.

3. Оид ба ҷабрдида нишондиҳандаҳои зерин бақайд гирифта мешавад:
4. Ному насаб
5. Синну сол
6. Ҷойи таваллуд,
7. Руз, моҳ ва соли таваллуд;

8. Ҷинс: мард, зан
9. Вазъи оиладорӣ:
   - ≈ оиладор;
   - ≈ никоҳи бақайдгирифташуда;
   - ≈ танҳо никоҳи исломӣ;
   - ≈ зани дуюм;
   - ≈ муҷаррад/оила надорад
10. Нишон додани доираи машғулият;
11. Нишон додани суроға;
12. Нишон додани миллат;
13. Нишон додани шумораи фарзандон (нишон диҳед);
14. Синни фарзанд;
15. Агар ҷабрдида ноболиғ бошад, ному насаби волидон/парасторонро нишон диҳед.
16. Дар баробари он, дар шакли ариза нишондиҳандаҳои зерин дар бораи зӯровар бақайд гирифта мешавад:
17. Мавқеъ, таърих ва вақти рух додани ҳолати зӯроварӣ;
18. Намуди зӯроварӣ:
   - ≈ зӯроварии ҷисмонӣ,
   - ≈ зӯроварии шаҳвонӣ,
   - ≈ зӯроварии равонӣ,
   - ≈ зӯроварии иқтисодлӣ,
   - ≈ зӯроварӣ берун аз оила,
   - ≈ дигар намуди зӯроварӣ.
19. Ному насаби зӯровар,
20. Шумораи шахсоне, ки зӯроварӣ содир кардаанд (ба ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ пур кунед);
21. Ҷинси зӯровар/он
   - ≈ Зан;
   - ≈ Мард
   - ≈ Суроғаи зӯровар/он
22. Вазъи оиладории зӯровар/он:
   - ≈ оиладор;
   - ≈ никоҳи бақайдгирифташуда;
   - ≈ танҳо никоҳи исломӣ;
   - ≈ зани дуюм;
   - ≈ муҷаррад/оила надорад;
23. Машғулият зӯровар/он,
24. Миллати зӯровар/он:
25. Алоқаи хешутабории шахси содиркунандаи зӯроварӣ ба ҷабрдида:
   - ≈ шавҳар;
   - ≈ ҳамсар;
   - ≈ шавҳари шаҳрвандӣ;
   - ≈ ҳамсари шаҳрвандӣ;
   - ≈ хусур;
   - ≈ хушдоман;
   - ≈ писар;
   - ≈ духтар
26. Мавқеи ҷойгиршавии шахси содиркардаи зӯроварӣ дар замони ҳозира:
27. Шахси содиркардаи зӯроварӣ дар замони ҳозира сарчашмаи таҳдид ҳаст?

≈ ҳа,
≈ не;

28. Агар зӯроварӣ аз ҷониби ноболиғ содиршуда бошад, маълумот дар бораи волидон, парасторон маълумот бояд пешниҳод карда шавад.

59. Инчунин дар шакли ариза маълумот дар бораи иттилоотонии ҷабрдида маълумот бақайд гирифта мешавад, аз он ҷумда Кадом намуди хизматрасониро ҷабрдида истифода бурдааст.

60. Аз рӯи маълумотҳое, ки аз ҷониби РВКД ш. Душанбе, РВКД Хатлон, РВКД Суғд, РВКД ВМБК, РВКД м/н. Рашт, МВКД ш.Турсунзода, МВКД н. Шаҳринав, МВКД н. Ҳисор, МВКД н. Варзоб, МВКД -1 н.Рӯдаки, МВКД -2, н.Рӯдаки, МВКД ш. Ваҳдат, МВКД н. Файзобод, МВКД ш.Роғун, Душанбе, Шоҳмансур-1, Шоҳмансур-2, Фирдавсӣ-1, Фирдавсӣ-2, Сино-2, Хатлон, Бохтар, Дӯстӣ, Кӯлоб, Ҷайҳун, Суғд, Хуҷанд, Исфара -2, Панҷакент, Хоруғ, Ваҳдат, Рудаки-1, Ҳисор, Рашт дар ҷадвалҳои болозикр бақайд гирифта мешавад, тибқи тартиби муқарраргардида, ба Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти ҷамъбастӣ пешниҳод карда мешаванд.

Ҳисоботи оморӣ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” таҳти №954 аз 19 марти соли 2013 аз тарафи нозирони минтақавии милитсияи РВКД ва ШВКД дар ҷумҳурӣ

| №т/р. | Иҷроиши талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» | Ҳамагӣ соли 2021 | Ҳамагӣ соли 2022 |
|---|---|---|---|
| 1 | Арзу шикоятҳо санҷида шудаанд: | | |
| | аз он ҷумла нисбати: | | |
| 2 | Мардон | | |
| 3 | Занон | | |
| 4 | Ноболиғон | | |
| 5 | Расонидани зарари вазнин моддаи 110 КҶ | | |
| 6 | Расонидани зарари миёна моддаи 111 КҶ | | |
| 7 | Расонидани зарари сабук моддаи 112 КҶ | | |
| 8 | Лату-куб моддаи 116 КҶ. | | |
| 9 | Расонидани азобу уқубати ҷисмони моддаи 117 КҶ | | |
| 10 | Рафторҳои авбошона дар муҳити зист ва оила моддаи 237 КҶ. | | |
| 11 | Ҳодисаҳои куштор дар муҳити зист ва оила моддаи 104 КЧ | | |
| 12 | Ҳамагӣ парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба зӯроварӣ дар оила | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 13 | Маводҳо аз оғоз кардани кори ҷиноятӣ рад карда шудаанд. | | |
| 14 | Маводҳо дар истеҳсолот қарор доранд | | |
| 15 | Маводҳо аз рӯи тобеият барои баррасӣ ба дигар мақомотҳо фиристонида шудаанд | | |
| 16 | Шумораи протоколҳои маъмурие, ки барои содир кардани зӯроварӣ дар оила бо моддаи $93^1$ ва $93^2$ КҲМ ҶТ тартиб дода шудаанд | | |
| 17 | Бо дигар моддаҳои КҲМ ҶТ вобаста ба масъалаи зӯроварӣ дар оила тартиб дода шудаанд. | | |
| 18 | Миқдори амрномаҳои муҳофизатии додашуда дар ШВКД-ҳо | | |
| 19 | Миқдори амрномаҳои муҳофизатие, ки муҳлаташон дароз карда шудааст | | |
| 20 | Миқдори сӯҳбатҳои хусусияти тарбияви дошта нисбати шахсе, ки зӯровари содир кардааст | | |
| 21 | Миқдори шикоятҳои шаҳрвандон аз болои амрномаҳои муҳофизатӣ ба мақомоти судӣ дар ШВКД | | |
| 22 | Миқдори шахсоне, ки барои зӯроварӣ дар оила такроран ба ҳабси маъмурӣ кашида шудаанд | | |
| 23 | Шумораи ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, ки ба Марказҳои барқарорсозӣ фиристонида шудаанд | | |
| 24 | Шумораи шахсоне, ки барои содир кардани зӯроварӣ дар оила дар ШВКД ба қайд гирифта шудаанд | | |
| 25 | Шумораи оилаҳои носолим ва ноустуворе, ки дар ШВКД ба қайд гирифта шудаанд | | |
| 26 | Шумораи сӯҳбатҳои инфиродӣ, профилактикӣ оиди татбиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар байни аҳолии МХМ | | |

## 2.4. Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 2.4.1. Тавсифи раванди ҷории бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҲЗНЗК

61. Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми марказии ҳокимияти иҷроия буда, вазифаҳоро ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба ҳифз ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои зан ва оила, мухайё сохтани шароитҳои баробар барои амалӣ гардидани ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ва ба даст овардани баробарии гендерӣ, васеъ намудани доираи иштироки занҳо дар ҳалли вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, идораи корҳои давлатию ҷамъиятиро ба анҷом мерасонад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" Кумита аз зумраи субъектҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила ба ҳисоб рафта дар фаъолияти хамаруза бо шахсони ба зӯроварӣ гирифторшуда сарукор доранд.

62. Қабули ҷабрдидагони зӯроварӣ аз тарафи ҳама сохторҳои маҳаллии ККЗО ба рох монда шуда, ҳагноми мурочиат дар «Дафтари бакайдгирии мурочиатхои шахсони алохида» қайд карда мешаванд. Раванди бақайдгирӣ дастӣ анҷом дода мешавад, тартиби бақайдгирӣ ҳоло дар Низомномаи ККЗО муайян карда нашудааст.

63. Айни замон ба сохтори ККЗО ҷиҳати бақайдгирии мурочиат оид ба масъалаҳои зӯроварӣ Дастгоҳи марказӣ, 3 раёсатҳои кор бо занон ва оила, 19 шӯъбаҳои кор бо занон ва оила ва 49 бахшҳои кор бо занон ва оила дохил мешаванд.

1. Дастгоҳи марказии Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Муассисаи давлатӣ «Чароғи Ҳидоят»

**64. Душанбе**

1. Раёсати кор бо занон ва оила
2. Шуъбаи кор бо занон ва оила дар ноҳияҳои Фирдавсӣ ва Сино
3. Бахшҳои кор бо занон ва оилаи ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ ва Шоҳмансур

**65. ВМКБ**

1. Шуъбаи кор бо занон ва оила дар ВМКБ
2. Шуъбаи кор бо занон ва оила дар шаҳри Хоруғ
3. Бахшҳои кор бо занон ва оилаи ноҳияҳои Дарвоз, Рушон, Ванҷ, Шуғнон, Рошткалъа, Ишкошим и Мурғоб

**66. Вилояти Хатлон**

1. Раёсати кор бо занон ва оила дар вилояти Хатлон
2. Шуъбаи кор бо занон ва оилаи шаҳри Куляб, ноҳияҳои Ёвон, Кушониён, Восеъ и Данғара
3. Бахши кор бо занон ва оила дар шаҳрҳои Бохтар ва Норак, ва ноҳияҳои Темурмалик, Хуросон, Ҷ.Балхи, Кубодиён, Мир Сайид Али Ҳамадонӣ, Носири Хисрав, Муъминабад, Панҷ, Ҷайҳун, Абдураҳмони Ҷомӣ, Балҷувон, Вахш, Фархор, Ховалинг, Шаҳритус, Ш.Шоҳин и Дустӣ.

**67. Вилояти Суғд**

1. Раёсати кор бо занон ва оила дар вилояти Суғд
2. Шуъбаи кор бо занон ва оилаи шаҳри Хуҷанд, шаҳрҳои Исфара, Канибадам, Истаравшан, Панҷакент ва ноҳияи Б.Гафуров

3. Бахши кор бо занон ва оилаи шаҳрҳои Бустон, Гулистон, Истиқлол ва ноҳияҳои Айнӣ, Ашт, Деваштич, Зафаробод, Ҷ.Расулов, Спитамен, Шаҳристон, Мастчоҳ ва Мастчоҳи Кухӣ

**68. Ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ**

1. Шӯъбаи кор бо занон ваоилаи шаҳрҳои Ҳисор, Турсунзаде ва ноҳияи Рудакӣ
2. Бахши кор бо занон ва оилаи шаҳрҳои Ваҳдат, Роғун, ноҳияҳои Варзоб, Файзобод ва Шаҳринав

**69. Минтақаи Рашт**

1. Шуъбаи кор бо занон ва оилаи ноҳияи Рашт
2. Бахши кор бо занон ва оилаи шаҳри ноҳияҳои Сангвор, Нуробод, Тоҷикобод и Лахш

**Расми 4. Сохтори бақайдгирии парвандаҳои ҲЗНЗК дар Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**




### 2.4.2. Нишондиҳандаҳои истифодашаванда

Дар китоби бақайдгирӣ нишондиҳандаҳои зерин истифода мешаванд:

1. ҷинси ҷабрдида
   - ≈ мард
   - ≈ зан
2. суҳбат гузаронида шуд тариқи:
   - ≈ телефонӣ
   - ≈ рӯ ба рӯ
   - ≈ такрорӣ
3. сину соли ҷабрдида
   - ≈ 17-25 сол
   - ≈ 26-45 сол
   - ≈ 46-65 сол
   - ≈ 66-75 сол
4. минтақа

- ≈ ВМКБ
- ≈ вилояти Суғд
- ≈ ш.Душанбе
- ≈ НТҶ
- ≈ минтақаи Рашт
- ≈ суроғаи номуаян

5. миллати ҷабрдида
   - ≈ тоҷик
   - ≈ рус
   - ≈ узбек
   - ≈ афғон
   - ≈ дигар миллат
6. намуди зӯроварӣ
   - ≈ равонӣ
   - ≈ иқтисодӣ
   - ≈ ҷисмонӣ
   - ≈ шаҳвонӣ
7. равонасозӣ
   - ≈ ВКД
   - ≈ МИҲД
   - ≈ Суд
   - ≈ Прокуратура
   - ≈ ККЗО ва сохтори он
   - ≈ Ёрии ҳуқуқӣ
   - ≈ Адвокат
   - ≈ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ
   - ≈ Вазорати маориф ва илм
   - ≈ Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ
   - ≈ Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа
   - ≈ Кумитаи дин
   - ≈ Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон
   - ≈ Нотариус
   - ≈ Хадамоти иҷро
   - ≈ САҲШ
   - ≈ Раиси маҳалла
   - ≈ ташкилотҳои ҷамъиятӣ
   - ≈ дигар идораву ташкилотҳо
8. Ба ҷабрдида ёрии хаттӣ расонида щуд, ба намуди
   - ≈ ариза
   - ≈ мактуб
9. намуди маслиҳати расонидашуда
   - ≈ ҳуқуқӣ
   - ≈ равонӣ
10. масъалаи муроҷиат
    - ≈ мерос
    - ≈ алимент
    - ≈ манзил
    - ≈ масъалаи оилавӣ

- ≈ кумаки молиявӣ
- ≈ маскун
- ≈ масъалаи кор
- ≈ шикоят аз болои мақомотҳо
- ≈ дахолати тарафхо
- ≈ дигар масъалаҳо

## 2.5 Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 2.5 а. Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва қурбониёни зӯроварӣ дар оила

#### 2.5.1. Тавсифи раванди ҷории бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҷабрдидагони зуровари дар оила

70. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2012 таҳти №724 «Дар бораи тартиб ва ҳаҷми пешниҳод намудани хизматрасониҳои ройгони иҷтимоӣ» дар баробари дигар категорияҳои осебпазир ва шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта ба шахсони аз ҳар гуна шаклҳои зӯроварӣ зарардида низ аз ҷониби марказҳо ва шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона, ки дар 44 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ фаъолият менамоянд, хизматҳои иҷтимоӣ ҳангоми пайдо шудани зарурат пешниҳод карда мешаванд.

71. Ғайр аз ин, дар заминаи ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ дар доираи татбиқи фармоиши иҷтимоии давлатӣ бо ҷалби ташкилоти ҷамъиятии хизматрасонии иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оиларо ҳамасола аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ бо мақсади таъмини фаъолияти босамари он маблағ пешбинӣ менамояд.

72. Ҳамзамон, бо мақсади таъмини хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон дар шароити махсуси муҳофизатӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020, №280 «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила» таъсис ёфта, баъдан бо мақсади васеъ гардонидани фаъолиятҳояш ба Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила» табдил дода шуд. Марказ дорои 30 кат буда, хизматрасонии иҷтимоиро ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила таъмин менамояд ва ба онҳо имкониятҳоеро, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзшаванда пешбинӣ шудааст, таъмин менамояд. Дар Маркази ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила (модарон бо фарзандонашон) хизматрасонии иҷтимоӣ ва дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои табобатию пешгирӣ хизматрасонии тиббӣ расонида мешавд

**Ба қайдгирӣ ва пешниҳоди маълумот:**

73. Марказҳо ва шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрсонии иҷтимоӣ”, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2012 таҳти №724 «Дар бораи тартиб ва ҳаҷми пешниҳод намудани хизматрасониҳои ройгони иҷтимоӣ» тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ тибқи низомномаҳои худ фаъолият менамоянд.

74. Ҳангоми мурочиат зани чабрдида аз тарафи мутахассиси мутассадии кори ичтимоӣ ба қайд гирифта мешавад. тиббию ичтимоӣ аз машварат ва муоинаҳои тиббӣ гузаронида шуда, дар варақаи баҳисобгирии зуровари дар оила сабт мешавад.

75. Ҳисоботҳои марказҳо ва шӯъбаҳои хизматрасонии ичтимоӣ дар хона, ки дар 44 шаҳру ноҳияҳои чумҳурӣ барои чабрдидагони зӯроварӣ, 4 ташкилоти чамъиятии хизматрасонии ичтимоӣ барои чабрдидагони зӯроварӣ дар оила аз тарафи мутахассисони мутасаддӣ ҳар 3 моҳ ба Агентии давлатии ҳифзи ичтимоии аҳолии вазорат ва Муассисаи давлатии «Маркази чумҳуриявии хизматрасонии ичтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва чабрдидагони зӯроварӣ дар оила ба вазорат пешниҳод карда мешавад.

76. Сохтори бақайдгирии парвандаҳои ХЗНЗК дар Маркази чумҳуриявии хизматрасонии ичтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва қурбониёни зӯроварӣ дар оила аз рӯи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Чумҳурии Точикистон.

77. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Чумхурии Точикистон дар ҳисоботҳои чамъбастии худ маълумотро ба чойҳои лозима ирсол менамояд.

**ш.Душанбе 4 адад :**

≈ Шуъбаи хизматрасонии ичтимоӣ дар хонаи ноҳияҳои И. Сомонӣ, Шоҳмансур, Сино, Фирдавсӣ;

**ШНТЧ - 4 адад**

≈ Маркази хизматрасонии ичтимоӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ
≈ Шуъбаи хизматрасонии ичтимоӣ дар хонаи шаҳри Ваҳдат
≈ Шуъбаи хизматрасонии ичтимоӣ дар хонаи ноҳияи Рашт

**ВМКБ - 8 адад:**

≈ Маркази хизматрасонии ичтимоии шаҳри Хоруғ
≈ Шуъбаи хизматрасонии ичтимоӣ дар хонаи ноҳияҳои Дарвоз, Роштқалъа, Ванч, Рӯшон, Шуғнон, Ишкошим, Мурғоб

**Вилояти Хатлон 16 адад:**

≈ Маркази хизматрасонии ичтимоии шаҳрҳои Бохтар, Левакант, Кӯлоб ва ноҳияҳои Панч, Ч. Балхӣ, Дӯстӣ, Қубодиён, Данғара, Фархор, Восеъ, Муьминобод, Темурмалик, Ш. Шоҳин
≈ Шуъбаи хизматрасонии ичтимоӣ дар хонаи ноҳияҳои Чайҳун, Хуросон, Шаҳритус

**Вилояти Суғд 12 адад:**

≈ Маркази хизматрасонии ичтимоии шаҳрҳои Хучанд, Бӯстон, Исфара, Панчакент, Конибодом, Истиқлол ва ноҳияҳои Ашт, Б. Ғафуров, Ч. Расулов
≈ Шуъбаи хизматрасонии ичтимоӣ дар хонаи шаҳри Гулистон ва ноҳияҳои Айнӣ, Спитамен

**Ташкилотҳои чамъиятӣ 4 адад:**

≈ ТЧ «Дилафруз» Маркази хизматрасонии ичтимоӣ барои чабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва оилаҳои осебпазири муҳочирони меҳнатӣ дар шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоб.

- ≈ ТҶ «Фемида» Маркази хизматрасонии иҷтимоӣ қурбониёни савдои одамон, оилаҳои осебпазири муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оилаи шахри Душанбе
- ≈ Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила»

### 2.5.б Нишондиҳандаҳои истифодашаванда

78. Ҷадвали ҳисоботдиҳии оморӣ оид ба ҷабрдидагони зуроварӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин тартиб дода мешавад:

1. Рақами тартибӣ;
2. Ному насаб;
3. Санаи муроҷиат;
4. Ҷинс;
5. Сину сол;
6. Вазъи оилавӣ;
7. Суроғаи тамос, рақами телефон;
8. Бо кор таъмин кардани шахсе, ки аз зӯроварӣ зарар дидааст;
   - ≈ муввақати бекор;
   - ≈ донишҷу;
   - ≈ соҳибхоназан;
   - ≈ корманд;
   - ≈ коргар;
   - ≈ бекор
9. Худмурочиат ва ё аз фиристодашуда (аз тарафи шуъбаҳои тандурустӣ, муассисаҳои нигаҳдории тандурустӣ, шӯъбаи корҳои дохилӣ ва дигар ташкилотҳо;
10. Навъи зӯроварӣ дар оила:
    - ≈ ҷисмонӣ;
    - ≈ психологӣ (руҳӣ);
    - ≈ иқтисодӣ;
    - ≈ шаҳвонӣ;
11. Такрор шудани зӯроварӣ дар оила
    - ≈ як маротиба;
    - ≈ бисёр маротиба
12. Навъи ёрӣ ба ҷабрдида аз зуроварии хонаводагӣ ба шахс
    - ≈ кумаки иҷтимоӣ;
    - ≈ тиббӣ;
    - ≈ ҳуқуқӣ;
    - ≈ психологӣ (руҳӣ) ахлоқӣ;
    - ≈ ислоҳи рафтори таҷовузкор
13. Ташкилоте, ки ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оиларо равона кардааст:
    - ≈ паноҳгоҳ;
    - ≈ гуманитарӣ/моддӣ;

- ≈ омӯзиши касбӣ;
- ≈ шуғл;
- ≈ дигар;
- ≈ ШКД (шӯъбаи инспектории БДА), раёсатҳо дар шаҳрҳо ва ноҳияҳо;
- ≈ Муассисаи тиббӣ;
- ≈ Маркази таълимии калонсолон;
- ≈ Маркази шуғли аҳолӣ;
- ≈ Маркази кумаки равонӣ ва ҳуқуқӣ;
- ≈ марказ/шуъбаи кумаки иҷтимоӣ;
- ≈ паноҳгоҳ;
- ≈ дигар

79. Дар қисми эзоҳ маълумоти хаттии пурра оид шумораи ҷабрдидагон аз рӯи синну сол ва намудҳои зуроварӣ пешниҳод карда мешавад.

80. Инчунин аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва қурбониёни зӯроварӣ дар оила ҷадвали ҳисоботи оморӣ оид ба зуроварӣ дар оила ба қайд гирифташуда низ дар асоси нишондиҳандаҳои зерин тартиб дода мешаванд:

1. Шумораи ҳодисаҳои нави зӯроварӣ дар оила дар давраи ҳисоботӣ:
   - ≈ Ҳамагӣ;
   - ≈ Зан:
   - ≈ Мард:
2. Сину сол;
   - ≈ то 18 сола;
   - ≈ 18-28 сола;
   - ≈ 28-38 сола;
   - ≈ 38-48 сола;
   - ≈ 48-58 сола;
   - ≈ 58 -68 сола;
   - ≈ 68 сола боло.
3. Такрор шудани зуровари дар оила:
   - ≈ як маротиба;
   - ≈ якчанд маротиба;
4. Навъи зуроварӣ дар оила:
   - ≈ ҷисмонӣ;
   - ≈ психологӣ;
   - ≈ иқтисодӣ;
   - ≈ шаҳвонӣ;
5. Шуғли шахсе, ки зуровари шудааст дар оила:
   - ≈ кор мекунад;
   - ≈ кор намекунад
6. Навъи ёрӣ ба ҷабрдида аз зуроварӣ дар оила;
   - ≈ кумаки иҷтимоӣ;
   - ≈ тиббӣ;
   - ≈ ҳуқуқӣ;
   - ≈ психологӣ ва ахлоқӣ;
   - ≈ ислоҳи рафтори таҷовузкор;
   - ≈ паноҳгоҳ;
   - ≈ молӣ ва моддӣ;

- омӯзиши касбӣ;
- шуғл;
- дигар

7. Ташкилоте, ки ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оиларо равона кардааст:
- ШКД (шуъбаи нозири ШКН), (раёсатҳо дар шаҳрҳо ва ноҳияҳо;
- муассисаи тиббӣ;
- Маркази таълимии калонсолон;
- Маркази шуғли аҳолӣ;
- Маркази кумаки равонӣ ва ҳуқуқӣ;
- марказ/шуъбаи кумаки иҷтимоӣ;
- паноҳгоҳ;
- дигар

**2.5.б Утоққҳои тавонбахшии иҷтимоӣ ва тиббӣ**

**2.5.1. Тавсифи раванди ҷории бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҲЗНЗК**

81. Тибқи Фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.10.2018 таҳти рақами 973 «Дар бораи таъсиси ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббӣ иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила» дар назди шӯъбаҳои таваллудхонаҳои марказҳои ноҳия ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ташкил карда шудаанд. То имрӯз дар 22 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳури ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила дар назди таваллудхонаҳо ва беморхонаҳои марказӣ фаъолият доранд, аз ҷумла:

**ш.Душанбе 3 ҳуҷра:**

- Шуъбаҳои таваллудии МД Маҷмуаи тиббии Истиқлол,
- Шуъбаи ҷарроҳиҳои асаби МД Маркази Миллии ш.Шифобахш,
- МД Таваллудхонаи шаҳрии №2;

**ШНТҶ 4 ҳуҷра:**

- шуъбаҳои БМН н. Рашт
- шуъбаи тавалудии БМН шаҳрҳои Ваҳдат, Ҳисор ва ноҳияи Рудакӣ

**Вилояти Хатлон 8 хуҷра:**

- Шуъбаи ташхисии Маркази Перинаталии ш.Бохтар
- Шуъбаи амрози занонаи Маркази Перинаталии ш.Кӯлоб.
- Шуъбаи амрози занонаи таваллудхонаи БМН н.Ёвон,
- Шуъбаи тавалудии БМН н.Панҷ,
- Шуъбаи амрози занонаи таваллудхонаи БМН н.А.Ҷомӣ,
- Шуъбаи кӯдаконаи БМН н.Шаҳритус,
- Шуъбаи амрози дарунаи БМН н.Фархор,
- Шуъбаи амрози занонаи таваллудхонаи БМН Восеъ;

**Вилояти Суғд 7 ҳуҷра:**

- Шуъбаи тавалудии ш.Хуҷанд,
- Шуъбаи тавалудии БМШ ш.Гулистон,
- Шуъбаи амрози ҳомиладорони таваллудхонаи БМШ шаҳри.Исфара,

≈ Шуъбаи амрози занонаи таваллудхонаи БМН ноҳияҳои Б.Ғафуров, Истаравшан, Панҷакент, Айнӣ

82. Ин ҳуҷраҳо зерсохтори муассисаҳои тандурустӣ буда, паноҳгоҳи муваққатӣ ба занону кӯдакони аз ҳама гуна шаклҳои зӯроварӣ, ки ба ин ҳуҷраҳо аз тарафи муассисаҳои тиббӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилотҳои ҷамъияти фиристода шудаанд, пешниҳод менамояд. Ҳангоми дар ҳуҷраҳо қарор доштанашон занон метавонанд оид ба масъалаҳои саломатӣ (аз ҷумла репродуктивӣ), ки бо ҳодисаҳои аз сар гузаронидашудаи зӯроварӣ асоснок шудаанд ё натиҷаи он мебошанд, кумаки заминавии тиббӣ ва психологӣ гиранд.

83. Раванди бақайдгирӣ ва пешниҳоди маълумот оид ба ҷабрдидагони ЗНЗК.

84. Бақайдгирии ҳолаҳои ЗНЗК дар марҳилаи якуми муроҷиати ҷабрдидагон, дар ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббӣ иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила" дар шакли қоғазӣ дар Варақаи бақайдгирии зуроварӣ дар оила ва/ё Регистри мизоҷони Ҳуҷраи тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила сурат мегирад.

**Расми 5. Сохтори бақайдгирии парвандаҳои ҲЗНЗК дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**




85. Боиси қайд аст, ки тибқи Низомномаи намунавии ҳуҷраҳои дастгирии занони ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила дар назди таваллудхона ва беморхонаҳои марказии шаҳру ноҳияҳо тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила бояд расонида шавад. Аммо дар асл ба ҳуҷраҳои мазкур на танҳо ҷабрдидагони зуроварӣ дар оила, балки ҷабрдидагони ҳама намудҳои зӯроварӣ муроҷиат намуда, ба хизматрасонии тиббию иҷтимоӣ дастрас мебошанд.

86. Тибқи тартиби муқарраргардида, ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббӣ иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ҳар семоҳа, то санаи 20-уми моҳи оянда, ҳисоботи оморӣ оид ба бақайдгирии ҳолатҳои зӯроварӣ ба шакли қоғазӣ/ электронӣ ба Муассисаи давлатии Маркази миллии солимии репродуктиви пешниҳод менамоянд. Муассисаи мазкур, дар навбати худ, маълумотҳои омории 22 ҳуҷраҳоро ҷамъбаст намуда, то санаи 25-уми моҳи ояндаи баъд аз семоҳа дар шакли қоғазӣ/электронӣ ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод менамояд.

### 2.5.2. Нишондиҳандаҳои истифодашаванда

87. Раванди бақайдгирии маълумот оид ба ҷабрдидагони ҳолатҳои ЗНЗК дар утоққои тавонбахшии иҷтимоӣ ва тиббӣ дар асоси Фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 майи соли 2018 таҳти рақами 443 "Дар бораи дастурамалҳо оид ба вокуниши кормандони хадамоти иҷтимоӣ ва тандурустӣ ба ҳодисаҳои зуроварӣ дар оила" ва Фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.10.2018 таҳти рақами 973 «Дар бораи таъсиси ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббӣ иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила» ва Низомномаи намунавии ҳуҷраҳои дастгирии занони ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила дар назди таваллудхона ва беморхонаҳои маркази шаҳру ноҳияҳо ба роҳ монда шудааст.

88. Тибқи замимаи 1. "Регистри мизоҷони Ҳуҷраи тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила" Низомномаи болозикр, пешниҳоди маълумот аз рӯи нишондиҳандаҳои ҷадвали зерин амалӣ мегардад:

1. Сана ва вақти муроҷиат;
2. Ному насаби мизоҷ;
3. Ҷойи истиқомат;
4. Намуди зӯроварӣ (Зӯроварӣ дар оила (ҷисмонӣ, шаҳвонӣ, психологӣ); зӯроварии шаҳвонӣ) берун аз оила); фурӯши одамон бо мақсади истифодаи шаҳвонӣ; фуруши одамон бо мақсади истифодаи меҳнатӣ; гирифтани узв/бохтаҳо барои пайвасткунӣ; дигар намудҳои зӯроварӣ);
5. Ному насаби корманди тиб, ки дар феҳрист сабт намудааст.

89. Тибқи Дастурамал оид ба вокуниши кормандони хадамоти иҷтимоӣ ва тандурустӣ ба ҳодисаҳои зуроварӣ дар оила ҳангоми муроҷиати ҷабрдида дар Варақаи баҳисобгирии зуроварӣ дар оила маълумоти зерин ба қайд гирифта мешавад:

6. Рақами тартибӣ;
7. Ному насаб;
8. Санаи мурочиат
9. Ҷинс;
10. Синну сол;
10. Вазъи оилавӣ;
11. Ҷои истиқомат ва рақами телефон;
12. Шуғли шахси зарардида:
    - ≈ бекор;
    - ≈ донишҷу;
    - ≈ хизматчӣ;
    - ≈ коргар;
    - ≈ дигар;
13. Шахси зарардида шахсан муроҷиат кардааст ё аз тарафи дигар ташкилот равона карда шудааст;
14. Намуди зуроварӣ дар оила:
    - ≈ ҷисмонӣ;
    - ≈ равонӣ;
    - ≈ иқтисодӣ;
    - ≈ шаҳвонӣ;
15. Такроршавии зуроварӣ дар оила:
    - ≈ Бори якум;

- ≈ Бори дуюм;
- ≈ Се бор ва зиёда аз он

16. Намуди хизматҳои расонидашуда ба шахси зарадида аз зуроварӣ дар оила:
    - ≈ Иҷтимоӣ;
    - ≈ Тиббӣ;
    - ≈ Ҳуқуқӣ/юридики
    - ≈ Равони /маънавӣ;
    - ≈ Ислоҳи рафтори шахси зуровариро содирнамуда;
    - ≈ Паноҳгоҳ;
    - ≈ Кумаки иҷтимоӣ (пулӣ ё моддӣ);
    - ≈ Касбомузӣ;
    - ≈ Ба кор таъминкунӣ;
    - ≈ Дигар.
17. Ташкилоте, ки шахси зарардида аз зуроварӣ дар оила ба онҷо равона карда шудааст:
    - ≈ ШКД/ҳуҷра оид ба пешгирии ЗДО;
    - ≈ Шуъбаҳои ККЗО;
    - ≈ Муассисаи тандурустӣ
    - ≈ Марказҳои таълимӣ барои калонсолон
    - ≈ Мақомоти шуғли аҳолӣ
    - ≈ Марказҳои ёрии психологӣ ва /ё ҳуқуқӣ;
    - ≈ Хадамоти иҷтимоӣ (кадомаш);
    - ≈ Паноҳгоҳ;
    - ≈ Дигарҳо

90. Ҷадвали ҳисоботдиҳии оморӣ оид ба ҳуҷраҳои занони аз зуроварӣ ранҷкашида тибқи нишондиҳандаҳои зерин тартиб дода шудааст:

1. Рақами тартибӣ
2. Ному насаб;
3. Синну сол;
4. Суроғаи телефон;
5. Бо роҳхат аз кадом кумита, вазорат ё муассисаи тиббӣ ё ин ки худмуроҷиат
6. Кадом намуди зӯроварӣ;
7. Санаи ворид бо кадом ташхис;
8. Маблағи сарф гардида оид ба кӯмакҳои тиббӣ дар муассисаи бистари гардида аз тарафи мутахассисони соҳаи маҳдуд;
9. Санаи хориҷгардидан бо кадом ташхис ба куҷо рафт (рӯзҳои бистари гардида);
10. Назорати баъдина дар сатҳи КАТС кадом чораҳои пешгирӣ бо кумитаю вазоратҳо дар сатҳи маҳалӣ дида баромада шуд.

91. Дар қисми эзоҳ маълумоти хаттии пурра оид шумораи ҷабрдидагор аз рӯи синну сол ва намудҳои зуроварӣ пешниҳод карда мешавад.

92. Аз рӯи маълумотҳои дар ҷадвалҳои болозикр бақайдгирифта, тибқи тартиби муқарраргардида, ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ маълумотҳои ҷамъбастӣ пешниҳод карда мешаванд.

93. Дар асоси маълумотҳои бақайдгирифташуда ҳисобот оиди зуроварӣ дар оила аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин тартиб дода мешавад:

1. Ҷинс:
   - зан;
   - мард;
2. Вазъи оилавӣ:
   - оиладор;
   - муҷарад
   - ҷудошуда
3. бекор; донишҷӯ; хонашин; хизматчӣ; коргар;
4. Намуди зуроварӣ дар оила:
   - ҷисмонӣ
   - равонӣ
   - иқтисодӣ
   - шаҳвонӣ
   - ҷисмонӣ+иқтисодӣ
   - ҷисмонӣ+шаҳвонӣ
5. Такроршавии зуровари дар оила:
   - якум маротиба;
   - такрорӣ
6. Хизматрасонӣ ба шахси зарардида аз зуроварӣ дар оила:
   - иҷтимоии
   - тиббӣ
   - хуқукӣ-юридикӣ
   - равони маънавӣ
   - паноҳгоҳ
   - кумаки иҷтимоӣ
   - касбомузӣ
   - бокортаъминкунӣ
   - дигарон
7. Ташкилоте, ки ҷабрдидаро равон кардааст:
   - худмуроҷиат
   - ШВКД
   - Муасиссаи тандурустӣ
   - Кумитаи кор бо занон ва оила
   - дигарон
8. Ташкилоте, ки ҷабрдида бозравонӣ карда щуд:
   - ҳуҷра барои ҷабрдидагони зуроварӣ
   - ШВКД
   - муассисаи тандурустӣ
   - экспертизаи судии тиббӣ
   - марказҳои ёрии психологӣ ва хуқуқӣ
   - паноҳгоҳ
   - дигарҳо

## 2.6. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 2.6.1. Тавсифи раванди ҷории бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҲЗНЗК

94. Бо фармоиши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон №46 аз 17 майи соли 2023 Тартиби қабул ва баррасии муроҷиати занон ва кӯдакон – ҷабрдидагони зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст.

95. Кор бо муроҷиаткунандагон ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, инчунин Тартиб Тартиби қабул ва баррасии муроҷиати занон ва кӯдакон – ҷабрдидагони зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ дар мақомоти ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

96. Муроҷиат оид ба зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ нисбат ба занон ва кӯдакон , аз ҷумла кӯдакон бо назардошти принсипҳои махфият ва дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, роҳ надодан ба табъиз, муносибати ба ҳуқуқи инсон ва нуқтаи назари гендерӣ асосёфта, муносибати инфиродӣ нисбати ҷабрдидагон, ҳимоя ва бехатарии ҷабрдидагон, розигии огоҳона ва пешниҳоди иттилооти объективӣ, дастрасӣ, таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдак, ба назар гирифтани фикри ҷабрдида, аз ҷумла кӯдак дар тамоми марҳилаҳои баррасии муроҷиат, самарабахшӣ, саривақтӣ, бетарафӣ, шаффофият, ҳисоботдиҳӣ, иштироки ҷабрдида бо хоҳиши ӯ (иштироки кӯдак дар ҳолатҳои зарурӣ), санҷиш, вокуниш, амал ва пайгирӣ қабул ва баррасӣ карда мешавад.

97. Зимни қабул ва баррасии муроҷиати занон ва кӯдакон – ҷабрдидагони зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ бехатарӣ, вазъи инфиродӣ, синну сол, ҷинс, забон, миллат, ҳувияти фарҳангӣ, дин ва эътиқод, фикри шахсии онҳо ва дигар хусусиятҳо, осебпазирӣ, ба монанди маъюбият, вазъи саломатӣ, тааллуқ доштан ба гурӯҳи ақаллият, гуреза ё паноҳҷӯй будан, манфиатҳои беҳтарини кӯдак, ҳуқуқи кӯдак ба инкишоф, таҳсил, дар оила мондан, муошират бо волидайн ё яке аз онҳо, агар ин ба манфиати кӯдак мухолифат накунад, ба инобат гирифта мешаванд.

98. Қабул ва баррасии мурочиат оид ба зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ дорои афзалияти баланд буда, бо назардошти таъмини принсипи саривақтӣ ва самарабахшӣ, инчунин ба масъалаҳои бехатарӣ, ба инобат гирифтани ҳолати рӯҳию равонӣ ва огоҳсозии ҷабрдидагон дар бораи муҳлати баррасӣ афзалият дода мешаванд.

**Расми 6. Сохтори бақайдгирии парвандаҳои ҲЗНЗК дар Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**




99. Тибқи тартиби қабул ва баррасии муроҷиати занон ва кӯдакон – ҷабрдидагони зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корманди Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон вазифадор аст тамоми маълумоти мавҷударо, ки дар бораи ҷой доштани ҳолати зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ дарак медиҳад, ҷамъоварӣ намояд.

### 2.6.2. Нишондиҳандаҳои истифодашаванда

100. Раванди бақайдгирии маълумот оид ба ҷабрдидагони ҳолатҳои ЗНЗК дар асоси Тартиби қабул ва баррасии муроҷиати занон ва кӯдакон – ҷабрдидагони зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон № 46 аз 17 майи соли 2023 тасдиқ шудааст ба роҳ монда шудааст.

101. Тибқи замимаи 1-и Тартиби болозикр, пешниҳоди маълумот аз рӯи нишондиҳандаҳои шакли бақайдгирии муроҷиатҳо оид ба зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ амалӣ мегардад.

102. Шакли мазкур 39 адад нишондиҳандаро дар бар мегирад.

1. Тибқи тартиби бақайдгирӣ ба ҳар як  муроҷиаткунандагон рақами бақайдгирӣ дода мешавад.
2. Дар шакли муроҷиат санаи муроҷиат, рӯз, моҳ ва сол  бақайд гирифта мешавад.

3. Бақайдгирии шакли муроҷиат:

≈ Шифоҳӣ ҳангоми ташриф ба мақомоти ВҲИ;
≈ Хаттӣ тавассути почта ё тавассути шикоят ба мақомоти ВҲИ;
≈ Тавассути телефон;
≈ Тавассути почтаи электронӣ

4. Муроҷиаткунанда:

≈ Худи ҷабрдида
≈ Падари ҷабрдида
≈ Модари ҷабрдида;
≈ Дигар хешовандони ҷабрдида;
≈ Кормандони ташкилоти ҷамъиятӣ;
≈ Дигар шахсони сеюм

5. Воридотӣ:

≈ бори аввал
≈ такрорӣ
≈ иловагӣ

6. Маълумот дар бораи муроҷиаткунанда

≈ Ному насаб ________________________________________________
≈ Ҷинс:
  - ✓ Мард;
  - ✓ Зан

7. Маълумот дар бораи ҷабрдида

≈ Ному насаб ________________________________________________
≈ Ҷинс:
  - ✓ Мард;
  - ✓ Зан

8. Синну соли ҷабрдида  _______________________

9. Доштани фарзанд:

≈ Фарзанд дорад,
≈ Фарзанд надорад;

10. Шумораи кӯдакон _______________________

11. Ҷойи истиқомати ҷабрдида;

12. Миллат ва баромади этникии ҷабрдида:

≈ Тоҷик;
≈ Узбек;
≈ Рус;
≈ Қирғиз;
